ФОҶЕАИ НАБЕРАИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ с. 8

НИГАРОНИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ВАЗЪИ ХОВАРИ МИЁНА с. 5

ҚИРҒИЗИСТОН РУСИЯРО БА СУД ДОД с. 4

ТОҶИКИСТОН

№4 (1669), 28.01.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ГӮШТи ВОРИДОТӢ ҲАЛОЛ АСТ?



ДАР ИН ШУМОРА:

8 ЗИНА БОЛО
Артиши Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонӣ с.3

НАРХИ БАРҚ
Барои электромобилҳо боло меравад с.2

ШУРОИ СУЛҲ
Трамп гузинаи нави СММ месозад? с.4

МАСТЧОҲ
Пас аз Толибон бозори чормағз касод шуд с.5

АҲМАДШОҲИ МАСЪУД
Дидори аввал бо Наполеони Афғонистон с.6

САФАР АБДУЛЛОҲ
“Ҷодуи хирад” дар Қазоқистон с.13

КАНЗИ ШИФО
3 роҳи осони табобати камхунӣ с.14

ВАРЗИШ
Дастаҳои Лигаи олӣ ба мавсими нав чӣ гуна ворид мешаванд? с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

АФЗОИШИ ТИҶОРАТ БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН

Соли 2025 ҳаҷми гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон ба 33,4 миллион доллар расид. Хадамоти гумруки Тоҷикистон хабар медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024 (11,6 млн доллар) қариб се баробар зиёд мебошад.

Содироти Тоҷикистон ба Қирғизистон афзоиши ҷиддӣ нишон додааст. Агар соли 2024 ҳаҷми он ҳамагӣ 475 ҳазор долларро ташкил медод, пас дар соли 2025-ум то 9 миллион доллар расидааст.

Аз ҷумла, Тоҷикистон ба Қирғизистон ба маблағи 1,92 млн доллар ангур, 607 ҳазор доллар маснуоти пахтагӣ ва 557 ҳазор доллар нерӯи барқ содир кардааст.

ҲУШДОРИ «ТОҶИКСТАНДАРТ» БА РОНАНДАГОН

Агентии «Тоҷикстандарт» ронандагонро аз фурӯши антифризи пастсифат ва ғайристандартӣ дар баъзе бозорҳои кишвар огоҳ кард.

Ба иттилои ин ниҳод, бо фаро расидани фасли зимистон талабот ба моеи зиддисардӣ зиёд шуда, бархе фурӯшандагон аз ин вазъ истифода бурда, маҳсулоти бесифатро пешниҳод мекунанд.

Дар огоҳии нашршуда таъкид мешавад, ки истифодаи чунин антифриз метавонад ба муҳаррики воситаҳои нақлиёт зарари ҷиддӣ расонад. «Тоҷикстандарт» аз харидорон даъват кардааст, ки ҳангоми харид ба сифати маҳсулот аҳамият диҳанд ва аз фурӯшанда сертификати мутобиқат талаб намоянд.

Ҳамчунин, хотиррасон карда мешавад, ки дар сурати поймол шудани ҳуқуқи истеъмолӣ шаҳрвандон метавонанд ба «Тоҷикстандарт» мурочиат кунанд.

НАРХИ БАРҚ БАРОИ ЭЛЕКТРОМОБИЛҲО БОЛО МЕРАВАД

Аз 1-уми феврали соли равон нархи барқ дар Тоҷикистон барои нақлиёти барқӣ боло меравад.

Барои истифодабарандагони автобус ва троллейбусҳои давлатӣ нархи барқ 6 дирам афзоиш ёфта, ба 41,37 дирам барои ҳар кВт/соат мерасад.

Барои нуқтаҳои баркдихӣ, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ мансубанд, нарх тақрибан 14 дирам боло рафта, 94,65 дирам барои ҳар кВт/соат таъйин шудааст.



ЁРДАМЧИИ НАВИ ПРЕЗИДЕНТ

Анвар Сафарзода Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа таъин шуд. Номбурда 27-уми январи соли равон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин вазифа таъин гардид.

Анвар Сафарзода дар мансаби нав Абдулло Раҳмонзодаро, ки чанде пеш аз ин вазифа озод ва муовини раиси вилояти Хатлон дар бахши идеология таъин шуда буд, иваз кард.

Анвар Сафарзода то ин вақт сардори Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ҳамчунин, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Ӯ соли 2007 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо баҳои аъло хатм карда, дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқ ва унвони профессор дорад. Донандаи забонҳои русӣ ва англисӣ буда, соҳиби чанд мукофоти давлатӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла Ҷоизаи давлатии Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон мебошад.

Анвар Сафарзода оиладор буда, соҳиби чор фарзанд мебошад.

САРИ САБЗ



Ҷӯрабек НАБИЕВ,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Дар як суҳбат вақте дар бораи вазъи кунунии санъат пурсиданд, гуфтам, ки дар даврахои мо суруд барои сар хонда мешуд, ҳозир барои пой хонда мешавад. Пой ба рақс дарояд, шуд, мағз озод. Барои фикр, андешидан дигар мардум на ҳавсала доранд, на иштиёқ ва на эҳтиёҷ.

- Ҳам ҳавсала ва ҳам иштиёқу эҳтиёҷ ҳаст. Бубинед, масалан пеш аз озмунҳо пойҳоямон ба рақс медароянд ва баъд сарҳо кор мекунанду дар боби лоиқ набудани сарояндаҳову сурудҳояшон баҳс меороем.



Муҳиддини МУЗАФФАР, коргардони муваффақ

- “Дов” то имрӯз ба 33 ҷашнвора роҳ ёфта, наздик ба 20 кишвари оламро тай кард ва шукр, ки сазовори 27 ҷоиза шуд... Ин кор ҳанӯз давом дорад ва дар рӯзҳои баъдӣ низ филми “Дов” аз қисмату тақдири халқи тоҷик ба тамоми дунё паём хоҳад расонд.

- Ана, мегӯянд, ки “кабк аз даҳони худаш тир мехӯрад”. Шояд маблағи аз 27 ҷоиза ба даст омада барои таҳияи филми дигар кумак намояд, то ба дунё бо филми нав паём расонем.



Акмал ТОЛИБОВ,
блогери ҷавони тоҷик

- Вақтҳои охир зери наворҳоям зуд-зуд чунин шарҳҳо менависанд, ки гӯё ин кори зеҳни сунъӣ бошад. Чунин шарҳҳо бароям хушоянданд, зеро ин маънои онро дорад, ки корҳои ман он қадар ғайриодӣ ва зебоянд, ки одамон ба воқеӣ будани онҳо бовар намекунанд.

- Ваҳ-ваҳ, чунон зебо гуфтед, ки агар ҳамон шарҳнависон аз ин нутқатон огоҳ шаванд, шояд чандин нафарашон майл ба шогирдиятон кунанд ва зеҳни сунъӣ камистифода гардад.

8 ЗИНА БОЛОТАР

Артиши Тоҷикистон дар раддабандии иқтидори ҳарбии ҷаҳонӣ



Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон дар шохиси навшудаи "Иқтидори ҳарбии ҷаҳонӣ" (Global Firepower) барои соли 2026 дар миёни 145 кишвари ҷаҳон зинаи 100-умро ишғол кардааст. Ин нишондод 8 зина болотар аз мавқеи соли гузаштаи Артиши кишвар аст. Соли 2025 Тоҷикистон дар зинаи 108-уми ин раддабандӣ қарор дошт.

Тибқи маълумоти маркази таҳлилии "Global Firepower", нишондиҳандаи қудрати ҳарбии Тоҷикистон дар соли 2026 ба 2,1749 баробар шудааст, дар ҳоле ки як сол пеш ин нишондиҳанда 2,3049 буд.

Дар раддабандии мазкур, ҳар қадар нишондиҳанда ба сифр наздик бошад, ҳамон қадар артиши давлат пурқудраттар ҳисобида мешавад. Ҳамин тавр, паст шудани нишондиҳанда нишонаи беҳтар шудани мавқеи кишвар мебошад.

Мувофиқи раддабандии мазкур, дар соли 2026 артиши Ӯзбекистон пурқудраттарин дар Осиёи Марказӣ эътироф шуда, дар зинаи 53-юм қарор дорад. Қазоқистон дар зинаи 58-ум, Туркманистон 78-ум ва Тоҷикистон дар зинаи 100-ум мавқеъ гирифта, аз артиши Қирғизистон, ки дар зинаи 109 қарор дорад, пештар аст.

Дар соли 2025 артиши Қазоқистон пурқудраттарин дар Осиёи Марказӣ дониста шуда, дар зинаи 57-уми ҷаҳон қарор дошт. Артишҳои Ӯзбекистон (зинаи 58), Туркманистон (77), Қирғизистон дар зинаҳои баъдӣ буданд ва Тоҷикистон бо ишғоли зинаи 108-ум дар раддабандӣ мавқеи пасттаринро байни кишварҳои Осиёи Марказӣ соҳиб буд.

Бояд гуфт, ба навиштаи маркази таҳлили "Global Firepower", раддабандии Иқтидори ҳарбии ҷаҳонӣ бо назардошти беш аз 60 омили гуногун муайян мешавад. Аз ҷумла, шумора ва навъи воҳидҳои ҳарбӣ, вазъи молиявӣ, иқтидори логистикӣ ва омилҳои ҷуғрофӣ аз омилҳои арзёбии раддабандӣ гуфта мешаванд.

Тибқи ин раддабандӣ, артишҳои ИМА, Русия ва Чин дар сегонаи беҳтаринҳо дохил шуда, се зинаи охирро артишҳои Ҷумҳурии Африқои Марказӣ, Бенин ва Бутан соҳиб шудаанд.



Аз нишастҳои матбуотӣ

Соли гузашта дар Тоҷикистон 330 ҷарроҳии пайванди узвҳои бадан, аз ҷумла 222 ҷарроҳии пайванди гурда ва 108 пайванди ҷигар гузаронида шудааст. Дар ин бора Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустии Тоҷикистон дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод.



Ба гуфтаи вазири тандурустӣ, аз 330 ҷарроҳии пайванди узвҳо дар соли 2025-ум 99-тояш (64 гурда ва 35 ҷигар) дар бадани кӯдакон ва 95-тои дигар дар тани шахрвандони хориҷӣ сурат гирифтааст.

Ҳамчунин, Ҷамолиддин Абдуллозода изҳор дошт, ки соли гузашта дар кишвар дар умум беш аз 203 ҳазор амалиёти ҷарроҳӣ сурат гирифтааст. Ин рақам нисбат ба соли 2024-ум 10% ё 20 ҳазор адад зиёд будааст.

Азим Иброҳим, вазири нақлиёти Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ хабар дод, ки сохтмони роҳи Қалъаи Хумб-Ванҷ, ки бар асари ҳамлаҳои мусаллаҳона аз Афғонистон муваққатан қатъ шуда буд, аз нав оғоз гардид.



Ин роҳ ҷузъи шоҳроҳи байналмилалии Душанбе-Қулма буда, моҳи декабри соли 2025 пас аз ҳамлаҳо ва куштаву захмӣ шудани 4 корманди ширкати чинии “China Road and Bridge Corporation” бозгошта шуда буд.

Ба гуфтаи вазир, корҳои асосӣ анҷом ёфта, танҳо бетонрезӣ ва пайвасти барқ боқӣ мондааст. Барои ин мутахассисони чинӣ танҳо машварат медиҳанд, корҳои ҷисмониро пурра кормандони маҳаллӣ ичро мекунанд. Ҳоло тақрибан 100 нафар сокинони маҳаллӣ ба сохтмони роҳ ҷалб шудаанд.

Исфандиёр Саъдуллозода, сардори Хадамоти алоқаи Тоҷикистон афзоиши талабот ба интернетро сабаби асосии паст будани сифати интернет дар кишвар унвон кард.



Ӯ зимни нишасти матбуотӣ 28 январ изҳор дошт, ки дар панҷ соли охир ҳаҷми истифодаи интернет дар Тоҷикистон даҳ баробар афзуда, аз 3 гигабайт то 30 гигабайт расидааст. Ба гуфтаи ӯ, ин ҳолат боиси сарбории зиёди истгоҳҳои базавии операторони мобилӣ гардидааст. Ҳамзамон, Исфандиёри Саъдулло иттилоъ дод, ки нақшаи насби пойгоҳҳои базавии насли панҷуми алоқа-5G дар Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 тасдиқ шудааст. Тибқи ин нақша, дар 65 шаҳру ноҳияи кишвар пойгоҳҳои базавии стандарти 5G насб хоҳанд шуд.



Қирғизистон Русияро ба суд дод

Қирғизистон Русияро барои саркашӣ аз додани суғуртаи тиббӣ ба хонаводаҳои муҳоҷирон ба суди Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕАЭС) кашидааст.

Дар ин бора рӯзи 27-уми январ дар ҷаласаи парлумони Қирғизистон хабар дода шудааст. Гуфта мешавад, ки мувофиқи созишнома миёни панҷ кишвари узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё муҳоҷирони корӣ бояд аз шароити баробари таъмини иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи тиббӣ бархӯрдор бошанд. Аммо ҷониби Русия ин бандҳои шартномаро вайрон кардааст. Ҳарчанд Қонуни Русия "Дар бораи суғуртаи ҳатмии тиббӣ" ба коргарони кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҳақи гирифтани суғуртаро додааст, аммо дар бораи аъзои хонаводаи онҳо чизе гуфта нашудааст.

KABAR

Шаҳрванди Тоҷикистон дар асорат



Дар вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон як мард боздошт гардид, ки шаҳрванди Тоҷикистонро ғайриқонунӣ дар асорат нигоҳ доштааст. Дар ин бора Хадамоти амнияти миллии Ӯзбекистон хабар медиҳад.

«Муайян карда шуд, ки сокини қаблан судшудаи шаҳри Деҳнав, соли таваллудаш 1993 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли таваллудаш 1993, сокини шаҳри Душанберо ғайриқонунӣ дар ҳабс нигоҳ доштааст»,- гуфта мешавад дар хабар.

Маълум шудааст, ки сокини Деҳнав ба шиноси худ, ки дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунад, 11 ҳазор доллари ИМА қарз дода, ҳамчун гарав дӯсташро назди худ нигоҳ доштааст. Пас аз он ки маблағ дар муҳлати муқарраргардида баргардонида нашудааст, шаҳрванди Тоҷикистон дар асорат нигоҳ дошта шуда, мавриди шиканҷа қарор гирифтааст. Нисбат ба гумонбар парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, ҳамчун чораи пешгирӣ ҳабс интихоб шудааст.

KUN.UZ

«ШУРОИ СУЛҲ»

Трамп гузинаи нави СММ месозад?



Доналд Трамп, президенти ИМА бо таъсиси "Шурои Сулҳ", ниҳоди наве барои ҳалли муноқишаҳои байналмилалӣ бори дигар таъкид кард, ки поёни ҷанг дар Украина “хеле наздик аст”.

Дар оғоз ҳадафи ин ниҳоди нав ичрои созишномаи сулҳ ва поёни ҷанги Исроил дар Ғазза буд, ки дар қатъномаи 2803-и Шурои амнияти СММ пуштибонӣ шуд. Баъдан, Трамп гуфт, ки на танҳо барои сулҳ дар як минтақа, балки барои сулҳ дар тамоми ҷаҳон талош хоҳад кард.

Ӯ рӯзи 22-юми январ дар суханрониаш дар Давоси Швейтсария гуфт, ки бо кишварҳои дигар ва Созмони Милали Муттаҳид дар масъалаи сулҳ ҳамкорӣ хоҳанд кард. Зоҳиран, ин ҳарф ишора ба нигарониҳое буд, ки гӯё ҳадаф аз таъсиси “Шурои Сулҳ” танг кардани мавқеи СММ аст, ки Трамп онро борҳо танқид кардааст.

Дар ҳамоиши эълони таъсиси ин шуро дар Швейтсария раҳбарони кишварҳое мисли Бахрайн, Марокаш, Аргентина, Арманистон, Озарбойҷон, Белгия, Булғористон, Миср, Маҷористон (Венгрия), Индонезия, Урдун (Иордания), Қазоқистон, Косово, Муғулистон, Покистон, Парагвай, Қатар, Арабистони Саудӣ, Туркия, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Ӯзбекистон ширкат доштанд. Аз ин пеш, раҳбарони ин кишварҳо барои узвият дар ин шуро изҳори омодагӣ карда буданд.

Аз Осиёи Марказӣ фақат Ӯзбекистону Қазоқистон ба узвияти ин ниҳод даъват шудаанд. Белорус, Исроил ва Ветнам, ки намояндаҳояшон дар ин нишаст ҳузур надоштанд, ба даъвати Трамп барои пайвастан ба ин созмон майл нишон додаанд. Барои пайвастан ба ин шуро бояд як миллиард доллар пардохт шавад.

Ба ҷуз Иёлоти Муттаҳида, намояндаи ҳеҷ яке аз панҷ кишвари узви доимии Шурои амнияти СММ дар ин ҳамоиш ҳузур надоштанд, ҳарчанд онҳо низ даъват шуда буданд. Британиё ин даъватро нодида гирифт ва Фаронса рад кард.

Русия гуфтааст, ки омодаи пардохти як миллиард доллар ҳақи узвият ба “Шурои Сулҳ” аз ҳисоби маблағҳоест, ки пас аз ҳамлааш ба Украина дар кишварҳои ғарбӣ банд шудаанд.

Владимир Путин, президенти Русия рӯзи 22-юми январ дар мулоқот бо Маҳмуд Аббос, раҳбари Ташкилоти худгардони Фаластин дар Маскав ба ин мавзуъ ишора карда, гуфт, ки Русия омода аст як миллиард доллар барои бозсозии Навори Ғазза ва мардуми Фаластин пардохт кунад.

Ӯ гуфт, бовар дорад, ки ин маблағро аз ҳисоби пулҳое, ки маъмурияти собиқи ИМА дар Амрико ҳабс кардаанд, пардохт мекунанд.

Доналд Трамп ҳанӯз ба пешниҳоди Путин вокунише накардааст.

Маъмурияти Доналд Трамп барои пайдо кардани роҳҳои расидан ба сулҳ дар Украина талош дорад. Трамп борҳо бо Зеленский ва Путин барои расидан ба сулҳ суҳбат кардааст, вале ҳанӯз ҳеҷ нишонае аз поёни ҷанги чорсола дар Украина дида намешавад.

Аз нишастҳои матбуотӣ

Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино шумораи донишҷӯён ба 13 ҳазору 860 нафар расида, бо назардошти мутахассисони таҳсилоти баъдидипломӣ теъдоди умумии муҳассилин 15 ҳазору 766 нафарро ташкил медиҳад.



Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ Муҳиддин Нуриддин иттилоъ дод. Ӯ гуфт, ки донишҷӯёни хориҷӣ низ сол ба сол меафзоянд. Айни ҳол дар донишгоҳ 1645 нафар шаҳрванд аз 28 давлати ҷаҳон таҳсил менамоянд. Соли гузашта бошад, бо назардошти талаботи соҳаи тандурустӣ дар донишгоҳ ду ихтисоси нав - «Биохимияи клиникӣ» ва «Психологияи тиббӣ» таъсис ёфтааст.

Илҳомуддин Иброҳимзода, ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки ҳадафи асосии роҳбарияти донишгоҳ ҳамқадами замон будан ва мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мебошад.



Ба гуфтаи ӯ, барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо таъмин намудани базаи моддӣ-техникии муосир чиҳати гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо, тадқиқотҳои илмӣ, дарсҳои амалӣ ва фаъолияти озмоишгоҳҳо аҳамияти калидӣ дорад. Ӯ иттилоъ дод, ки фаъолияти парки техникии назди донишгоҳ низ такмил ёфта, дар назди он коргоҳи истеҳсолӣ таъсис меёбад.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ соли гузашта 7 ихтисоси нав таъсис дода, нақшаи қабули донишҷӯён дар ҳамаи онҳо пурра, яъне 100 фоиз ичро гардидааст. Яке аз ихтисосҳои навтаъсис - «автомобилҳои гибридӣ ва барқӣ» мебошад.



Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ, профессор Давлатзода Қудрат иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, тақрибан 90 фоизи хатмкунандагони донишгоҳ бо ҷойи кор таъмин мешаванд, зеро донишгоҳ дар доираи барномаи таҳсилоти дуалӣ бо корхонаю ширкатҳои зиёд шартномаҳои ҳамкорӣ дорад. Аз ҷумла, дар НБО-и “Роғун” чор филиали таълимии кафедраи энергетикаи донишгоҳ фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, донишҷӯён дар корхонаи «Азот», нерӯгоҳи “Варзоб” ва дигар муассисаҳо дар ҷараёни таҳсил таҷрибаи амалии истеҳсолӣ мегузаронанд.

НИГАРОНИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ВАЗЪИ ХОВАРИ МИЁНА

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар як баёния аз шиддат гирифтани танишҳо дар Ховари Миёна изҳори нигаронии амиқ кардааст.



Дар баёнияе, ки вазорат рӯзи 27-уми январ дар сомонаи худ нашр кард, омадааст, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шиддат гирифтани вазъ дар минтақаи Ховари Миёна, бахусус нисбат ба Ҷумҳурии Исломии Эрон изҳори нигаронии амиқ намуда, бо мухолифат ба иқдомоти низомӣ, ҷонибдори ҳалли мусолиматомези ҳамаи низоъҳо тавассути роҳҳои дипломатӣ мебошад”.

Вазорат аз ҷонибҳои муноқиша хостааст, ки “бо риояи усули Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амал намуда, барои ҳифзи сулҳу суботи минтақа кӯшиш ба харҷ диҳанд”.

Вазорати корҳои хориҷӣ шиддат гирифтани вазъ “бахусус нисбат ба Эрон”-ро шарҳ надодааст, вале ин баёния дар замоне нашр мешавад, ки ҳадсу гумон дар бораи ҳамлаи эҳтимолии Амрико ба Эрон зиёдтар мешавад.

Ҷобаҷогузории нерӯҳои Амрико дар саросари Ховари Миёна ин ҳадсу гумонҳоро ба вуҷуд овардааст, ки афзоиши нерӯҳо ва размоишҳо метавонанд барои омодагӣ ба ҳамла алайҳи Эрон бошанд.

Рӯзи 27-уми январ, дар пайи афзоиши танишҳо бар сари эҳтимоли ҳамлаи низомӣ ба Эрон, як гурӯҳи киштиҳои ҳавопаймобари Иёлоти Муттаҳида вориди минтақаи Ховари Миёна шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Тоҷикистон то ҳол ягона кишвар дар минтақа аст, ки дар робита ба шиддати таниш миёни Вашингтон ва Техрон мавқеашро ошкоро иброз кард. Кишварҳои дигари минтақа то ҳол хомӯшанд. Тоҷикистон пештар аз ин низ ҳуҷуми Исроил ва Амрико ба Эрон дар тобистони соли гузаштаро бо қотеъият маҳкум карда буд.

ТОЛИБОН ВА ЧОРМАҒЗИ МАСТЧОҲ

Бо ба қудрат расидани гурӯҳи Толибон дар Афғонистон бозори чормағзи заминӣ (арахис)-и кишоварзони ноҳияи Мастчоҳ зарар дидааст. Ин нуктаро Аъзам Ализода, раиси ин ноҳия рӯзи 26-уми январ зимни нишасти матбуотӣ баён кард.



Ба иттилои ӯ, то омадани Толибон ба сари қудрат, 20-30%-и чормағзи заминии ин ноҳия ба Афғонистон ва ё тариқи ин кишвар ба Эрон содир мешуд, вале баъди ба қудрат расидани ин гурӯҳ “ин чиз пурра аз байн рафт ва ба мо зарар расонд”.

“Ҳоло ҳосили чормағзи дусолаи мардум дар анборашон истодааст. Чун 8 то 12 ҳазор тонна ҳосили чормағзи заминиро, ки кишоварзони ноҳия ба даст меоранд, пурра дар бозори дохилӣ истеъмол карда наметавонем. Барои ҳалли мушкили пешомада бо соҳибкорони ноҳия ҳамкорӣ дорем ва аллакай аз шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон ҳар ҳафта 20-30 тонна чормағзи заминиро бурда истодаанд, вале ин кифоя нест”,- афзуд Ализода.

Дар нишасти матбуотӣ зикр гардид, ки соли 2025 дар Мастчоҳ 8 ҳазору 600 тонна чормағи заминӣ ҷамъоварӣ шудааст, ки нисбат ба солҳои қаблӣ кам аст. Сабаби кам шудани ҳосили чормағз дар он аст, ки бо сабаби набудани талабот кишоварзон аз кишти он худдорӣ кардаанд. Русия соли гузашта воридоти чормағзи заминӣ аз Тоҷикистонро манъ карда буд, вале имсол иҷозат додааст.

ГАРАВПУЛӢ БАРОИ САФАР БА АМРИКО

Онро дар куҷо месупоранд?

Сафорати Амрико дар Тоҷикистон гуфтааст, нафароне, ки барои раводиди меҳмонӣ ё сайёҳии Амрико (раводиди навъи B1/B2) дархост медиҳанд, гаравпулиро ба сафорат намесупоранд.



Ин ниҳод рӯзи 26-уми январ навишт, ки супоридани гаравпулӣ танҳо тариқи онлайн ва тавассути сомонаи "Pay.gov" сурат мегирад.

Манбаъ илова кардааст, ки Шуъбаи консулии Амрико пайванд барои пардохти маблағро ба аризадиҳандагоне, ки раводидашон тасдиқ шудааст, тариқи почтаи электронӣ мефиристад.

Амрико аввали моҳи январ 38 кишвар, аз ҷумла Тоҷикистонро ба рӯйхати давлатҳое ворид кард, ки шаҳрвандонашон пас аз тасдиқи раводиди сафар бо мақсади меҳмонӣ ё сайёҳӣ ба Амрико бояд аз 5 то 15 ҳазор доллар гаравпулӣ пардохт кунанд. Ҳаҷми дақиқи маблағ барои ҳар як шаҳрванд ба таври инфиродӣ ҳангоми мусоҳиба дар консулгарӣ муайян карда мешавад.

Ин талабот барои шаҳрвандони Тоҷикистон аз 21-уми январи соли равон татбиқ шуд. Онҳое, ки ин намуди раводидро дарёфт мекунанд, бояд танҳо тавассути фурудгоҳҳои шаҳрҳои Бостон, Ню-Йорк ва Вашингтон ба қаламрави ИМА ворид шаванд.

Шахсоне, ки бо чунин раводид вориди ИМА мешаванд, ҳақ надоранд бештар аз муҳлати муайяншудаи раводид дар хоки ин кишвар бимонанд. Агар шаҳрвандон бе нақзи қонунгузорӣ дар муҳлати муқарраршуда ба ватани худ баргарданд ва Вазорати амнияти дохилии ИМА инро тасдиқ кунад, маблағи гарави пардохтшуда ба онҳо бозпас гардонида мешавад.

Аз нишастҳои матбуотӣ

Вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлубахон Сатториён кӯчидани театрҳои Лоҳутӣ ва Маяковскийро ба Театри миллӣ рад кард. Ӯ 26-уми январ зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон гуфт, ки дар ин маврид ҳарфе дар миён нест.



“Ҳоло барои Театри русии ба номи Маяковский сохтмони бино идома дорад”,- таъкид дошт вазир. Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки ҳоло омодагиҳо барои ифтитоҳи ин театр оғоз шудаанд. Қарор аст, ки Театри миллии Тоҷикистон дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли кишвар ба фаъолият оғоз намояд.

Носир Саидзода, раиси Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ оид ба истифодаи ҳуши маснуӣ (зеҳни сунъӣ) дар эҷоди суруду мусиқӣ ва таҳияи барномаҳои телевизионӣ гуфт, ки “истифодаи он ягон хатар надорад, вале наметавонад ҷойгузини сарояндагону мусиқинавозон бошад”.



Ба гуфтаи ӯ, хуши маснуӣ танҳо барои тезонидани кор дар эҷоди мусиқӣ истифода мешавад, вале наметавонад ҷойгузини садо бошад. “Мо ин қадар сарояндагони машҳур, садоҳои хуб дорем. Ҳеҷ чиз садои сарояндагони моро иваз ё такрор карда наметавонад”,- гуфт ӯ.

Нақшаи даромади буҷети маҳаллӣ дар вилояти Хатлон соли гузашта беш аз 100% таъмин гардид. Ин нукта зимни нишасти хабарии Сарраёсати молияи Вазорати молияи Тоҷикистон дар вилояти Хатлон зикр шуд.



Аъзам Чиллазода, сардори ниҳоди мавриди назар дар нишасти матбуотӣ афзуд, ки аз ҳисоби барзиёд иҷро шудани қисми даромад ба буҷет наздики 40 миллион сомонӣ барзиёд ворид шудааст.

“Соли 2025 нақша 2 миллиарду 707 миллиону 500 ҳазор сомонӣ буд. Аммо он 2 миллиарду 746 миллиону 300 ҳазор сомонӣ иҷро гардид. Аз ҳисоби иҷрои барзиёди нақша 38 миллиону 800 ҳазор сомонӣ бештар ворид гардида, нисбат ба соли 2024-ум 429 миллион сомонӣ зиёд аст”, - гуфт номбурда.

Аз нишастҳои матбуотӣ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳамкориро бо донишгоҳҳои Испания, Кореяи Ҷанубӣ, Туркия, Русия, Қазоқистон, Хитой, Ӯзбекистон ва Беларус ба роҳ мондаст.



Дар ин бора ректори донишгоҳ Хайрулло Назарзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, зикр намуд, ки ҳамкориҳо ҳам дар шакли ҳузурӣ ва ҳам ба таври маҷозӣ амалӣ мегарданд. Ба гуфтаи ӯ, яке аз барномаҳои фаъол ва серталаби донишгоҳ лоиҳаи аврупоии Erasmus+ мебошад, ки дар доираи он донишҷӯён ва омӯзгорон дар барномаҳои гуногуни табодули академӣ иштирок намуда, таҷрибаи байналмилалӣ ва малакаҳои муосири касбиро аз худ мекунанд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мутахассисон-идоракунандагони тайёраҳои бесарнишин омода менамояд. Ҳоло аз рӯи ин ихтисос 21 донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.



Дар ин хусус 28 январи соли равон зимни нишасти матбуотӣ Зоир Раҳмонзода, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иттилоъ дод.

Дар нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 8 факултет, 20 кафедра ва 4 марказ, инчунин филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара ва Литсейи инноватсионии «Душанбе» фаъолият доранд.

Дар 7 соли ахир (2018-2025) дар Тоҷикистон 120 ёдгории таърихиву фарҳангӣ кашф шудааст. Дар ин бора Шералӣ Хоҷазода, раҳбари Агентии ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар нишасти солонаи матбуотӣ иттилоъ дод.



Ба гуфти номбурда айни замон теъдоди умумии ёдгориҳои то имрӯз кашфшудаи таърихиву фарҳангӣ дар Тоҷикистон ба 3 ҳазору 500 адад расидааст. Хоҷазода изҳор дошт, ки 120 ёдгории нави таърихиву фарҳангӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Бохтар, Норак, Ҳисор, Турсунзода, Истаравшан, Панҷакент, Ваҳдат Муъминобод, Шамсиддини Шоҳин, Ховалинг, Ҳамадонӣ, Темурмалик, Ашт, Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ, Шуғнон, Сангвор, Рашт, Лахш ва Нуробод кашф шудаанд.


АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

МУЛОҚОТ БО МАСЪУД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

ФАСЛИ ДУВУМ

Дар тобистони соли 1982 ман ҳамроҳи се нафар аз ҳамкорони телевизиониам дувоздаҳ рӯз ҳамроҳи як корвони ҳамли аслиҳаи муҷоҳидин бар фарози кӯҳҳо ва даштҳои Афғонистон дар ҷустуҷӯйи Масъуд ҳаркакат кардем. Дар ин замон Масъуд ба далели муқовимат алайҳи нерӯҳои рус фарди шинохташуда буд. Барои расидан ба паноҳгоҳи ӯ дар дараи Панҷшер, дар Шимолу Шарқи Кобул ҳудуди понздаҳ



мил аз марзро пиёда тай кардем ва аз миёни манотиқи холӣ аз сокинон гузаштем, ки аксари сокинони он тайи солҳои гузашта ба Покистон фирор карда буданд. Се сол аз ҷанги талх миёни артиши 48-ҳазорнафараи Русия бо муҷоҳидини афғон мегузашт. Падарони ин сарбозони шуҷоъ дар се ҷанги бузург дар қарни нуздаҳум ва бистум бо Британиё далерона ҷангида буданд. Дар бисёре аз мавоқеъ ҳангоме ки дар тими кӯчаки телевизиониам аз гузаргоҳҳои кӯҳистонӣ ва ҳошияи рӯдхонаҳои хурӯшон убур мекардем, сояи наҳси ҳавопаймоҳои ҷосусии Антонови Шуравиро, ки зӯзакашон аз болои сарамон рад мешуданд, ҳис мекардем; ҳелекуптераҳои “Мил 24” муҷаҳҳаз бо мушак ҳаргиз аз мо дур намешуданд, то ба маҳзи эҳсоси таҳдиди бомбаафканҳои СУХУ 27 (Исми рамзӣ НАТО барои он “радпойи қурбоққа” буд)-ро фаро хонанд ва онҳо низ маҳмулаҳои маргборашонро аз осмон раҳо кунанд.

Ҳаргиз нафаҳмидем, ки онҳо радди моро зада буданд ё фақат интиқоли силоҳи муҷоҳидинро расад мекарданд. Ба эҳтимоли зиёд, дувум саҳеҳ бошад, онҳо фаҳмида буданд, ки ин корвон ба сӯи Масъуд (душмани дараҷаи якашон) дар ҳаракат аст; аз ин рӯ, ин корвон табдил ба як ҳадафи назоратии авлавиятдор шуд. Бо вуҷуди ин, дар тӯли масир танҳо як ё ду бор бомбаборон шуд ва ба шакли муъҷизаосое хисороти андаке мутаҳаммил шудем; аммо баъдтар, ҳангоме ки дар дараи Панҷшер ба сар мебурдем, ҳамлаи русҳо, мавсум ба «Панҷшери шашум» оғоз шуд. Ин ҳамла чизе дигар буд: бомбаборони беамон, сангин ва бисёр наздик, ҳамроҳ бо тангтар кардани ҳалқаи муҳосира.

Мо сафари худро аз Пешовар оғоз карда будем. Бо убур аз марз дар рустое ба номи «Три-Мангл» - ба номи ду қабилае, ки дар он ҷо зиндагӣ мекарданд - убур ва ба самти шимол аз тариқи рустоҳои холӣ аз сокинони вилояти Нангарҳор ҳаракат кардем. Сокинони ин манотиқ ба далели бомбаборонҳои Шуравӣ ва ҳамалоти заминии артиши Шуравӣ ин манотиқро тарк карда буданд ва фақат чанд марди кӯҳансол барои нигаҳбонӣ аз амвол, домҳо (чорво) ва манзилҳояшон он ҷо монда буданд. Дар дуюним соли пас аз ҳамлаи Шуравӣ ба Афғонистон (декабри соли 1979) ҳудуди чаҳор то панҷ миллион афғон аз хонаҳои худ фирор карданд ва дар ҷустуҷӯи амният ба Покистон рафта, дар урдугоҳҳо паноҳ гирифтанд.


Борикаи вурудии дараи Панҷшер, ки ба далели зебоии васфношуданиаш бисёр машҳур аст, дар 64 мили шимолу шарқии Кобул воқеъ шудааст. Корвонҳои интиқоли силоҳ аз кӯрароҳҳо убур мекарданд; пас, ногузир дар ин сафар бояд аз асп истифода мекардем. Тавзеҳи он бисёр сахт аст, ки чаро ман ва Найҷел Райан (Nigel Ryan) (таҳиякунанда), алорағми он ки саворӣ балад будем, тасмим гирифтем масирро пиёда тай кунем. Мушаххас шуд, ки дувоздаҳ рӯзи бисёр зафровар интизории моро мекашад.

Саранҷом, ёздаҳум рӯзе аз сафар ба болои дара ва асилтарин канораи дараи Панҷшер расидем. Ба хубӣ ба ёд меоварам, ки як-ду мили охир бисёр хастакунанда буд. Ҳаво торик шуда буд ва дидани масир дар интиҳои нишебии тунди дара, мунтаҳӣ ба рустои «Абдуллоҳи Хаёл», бисёр душвор буд. Дар як лаҳза замин хӯрдам, бархостам ва бо асабоният гуфтам: «Ин хеле масхара аст, аз дард пойҳоямро наметавонам бакашам, ман шабро дар ин ҷо таваққуф хоҳам кард ва субҳ масирро идома хоҳам дод». Роҳнамои мо Гул Бас фарди бисёр ором ва мунъатиф буд; барои мудирияти охирин шӯриш ором ба самти ман омад. Ҷару баҳси мо чанд дақиқае ба тӯл анҷомид; ман ғурулунди кӯтоҳе кардам ва ӯ бо асабоният машъалро ба дарунӣ дара партофт кард ва бо чанд носазои форсӣ асабонияти худро холӣ кард.

Саранҷом, барои ҷилавгирӣ аз муҷодалаи бештар, мутақоид шудам дар масири дара пушти онҳо гом бардорам. Фаҳмидем, ки роҳ андаке боқӣ мондааст. Ба маҳзи расидан ба деҳа, Гул Бас нопадид шуд; ба назарам аз он ки аз шарри мо халос шуда буд, сар аз по намешинохт. Моро ба хонаи бузурге бурданд, то шабро он ҷо сипарӣ кунем. Танҳо чанд сол баъд аз ин воқеа буд, ки яке аз дӯстони афғонам ба ман гуфт: вақте китоби шуморо хондам, таажҷуб кардам, ки чаро дар китоб ишора накардаед, ки аз сӯи фармондеҳи Горди маҳаллӣ мавриди исобати гулӯла қарор гирифтед ва «наздик буд осеб бубинед».

Ибтидо фикр кардам шӯхӣ мекунад, сипас мутаваҷҷеҳ шудам, ки ӯ комилан ҷиддӣ аст. Гуфтам: «Муҳробиддин, манзурат чист?». Муҳробиддин Мастон як дастёри пизишки ҷавон буд, ки довталабона барои пизишкони инглис ва фаронсавӣ кори тарҷумаро анҷом медод. Аз ман пурсид: “Оё достонро намедонӣ?”. Гуфтам: “Кадом достон?”. Гуфт: “Он шабе, ки шумо ба русто расидед, фармондеҳи Горди маҳаллӣ гумон кард, ки шумо аз «Спетсназ» (нерӯҳои вижаи рус) ҳастед. Шоеъоти мабнӣ дар бораи ҳамлаи қарибулвуқӯи “Спетсназ” ба русто вуҷуд дошт ва вақте фармондеҳ шуморо дид, мутмаин буд, ки шумо "Спетсназ" ҳастед. Зоҳири шумо шабеҳи афғонҳо набуд ва ӯ шуморо рус пиндошт”. Муҳробиддин тавзеҳ дод, ки фармондеҳ камин карда буд ва ба сарбозонаш дастур дода буд, ки ба маҳзи вурудатон ба русто ба самти шумо оташ кушода, аммо дар охирин лаҳза назарашро тағйир дод. Ӯ ин эҳтимолро дод, ки шумо гурӯҳи «Шиносой» ва пештоз бошед ва агар шуморо бикушанд, боқимондаи “Спетсназ” русторо ба хоку хун хоҳанд кашид. Бинобар ин, амалиёти шабохунро лағв кард.

(Давом дорад)



ГӮШТИ ВОРИДОТӢ ҲАЛОЛ АСТ?

КУМИТАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПОСУХ БА ШУБҲАҲОИ СОКИНОН ДАР БОРАИ ГӮШТИ ВОРИДОТӢ МЕГӮЯД, КИ ИН НАВЪИ МАҲСУЛОТ ҲАЛОЛ ВА БА ТАЛАБОТ ҶАВОБГӮ АСТ.

Ҳоло дар бозорҳои Тоҷикистон гӯшти Беларус ва Муғулистон ва ё Қазоқистон ҷойи гӯшти маҳаллиро гирифтааст. Пайдо кардани гӯшти чорвои маҳаллӣ, махсусан дар шаҳри Душанбе мушкил шудааст. Сокинон ҳам зоҳиран ба ин вазъ одат кардаанд ва аллакай гӯшти маҳаллиро аз воридотӣ фарқ мекунанд.

Ҳоло нархи 1 кг гӯшти воридотӣ 75-80 сомонӣ ва гӯшти маҳаллӣ аз 100 сомонӣ боло аст.

Соли 2025 баъди боло рафтани нарх ва камчин шудани гӯшти маҳаллӣ ворид кардани ин маҳсулот аз хориҷа якбора зиёд шуд. Бино бар омори расмӣ, соли гузашта ба Тоҷикистон 20 ҳазор тонна гӯшт оварда шудааст. Бархе сокинон то ҳол ба сифати ин гӯштҳо ва шеваи забҳи чорво шубҳа доранд.

Қассобон ҳам мегӯянд, ки дар аввал ин навъи гӯшт харидори кам дошт. "Ба хотире ки он қадар маълумот надоштанд, харид кам буд, ҳозир бошад, аксарияти мардум мегиранд. Ҳоло ҳам мепурсанд, ки гӯшти кучо аст? Тарзи куштанаш чӣ гуна аст? Мо аз рӯйи навор дидем, ки ҳалол мекушанд, ба даст мекушанд. Бачаҳои тоҷик ҳастанд. Мардум ҳам вақте ки мепурсанд, мегӯем, бемалол гирифтан мегиранд",- гуфт нафаре аз онҳо.

Воридоти гӯшт ба Тоҷикистон аз мавзуҳои асосӣ дар нишасти хабарии Кумитаи озуқаворӣ буд. Раиси ин ниҳод талош кард хабарнигорон ва аз ин тариқ сокинонро бовар диҳад, ки гӯшти воридотӣ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Муҳаммадсаид Файзуллозода, раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ гуфт: "Вақте ки корхонаҳои давлатӣ ва соҳибкорон ворид мекунанд, қабл аз ворид кардан тамоми талаботи байторӣ рафта санҷида дида мешавад. Ё корманди мо рафта аккредитатсия мекунад ё агар бо сабабе нарафт, худи корхона ҳуҷҷатҳоро пешниҳод мекунад. Аксари чорвое, ки ворид карда истодаанд, аз рӯи талаботи мо аз ҳисоби муҳоҷирон ё аз инҷо бурда ба тариқи ҳалол кушта оварда истодаанд. Сертификати ҳалол ба мо пешниҳод мекунанд".

Дар ҳамин ҳол намояндагони Кумитаи бехатарии озуқаворӣ аз қочоқи гӯшт ба кишвар низ хабар медиҳанд. Ба иттилои ин ниҳод, соли гузашта 24 тонна маҳсулоти гӯштӣ бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи беҳдоштӣ нобуд карда шудааст.

МАЗЗАИ ГӮШТИ МАҲАЛЛӢ ДИГАР АСТ

Тибқи ҳисобу китоби мутахассисон, талаботи аҳолии Тоҷикистон ба гӯшт айни замон тақрибан 380-385 ҳазор тонна дар як сол арзёбӣ мешавад. Ҳатто бо назардошти афзоиши истеҳсол, ҳаҷми умумии гӯшти “тоза” (баъди забҳ, бе устухон) ҳудуди 235-240 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Агар ба ҳар сари одам ҳисоб кунем, ин тақрибан 24 кг гӯшт дар як сол аст. Меъёри тавсияшуда 40,8 кг мебошад. Яъне кишвар ҳамагӣ наздик ба 58%-и меъёри истеъмолро таъмин карда метавонад.

Бинобар ин, камбуди гӯшт дар кишвар бо воридот ҷуброн мешавад.

Таҳвилгарони калидии чорвои калони шохдори зинда ба Тоҷикистон Русия, Беларус ва Қазоқистон буда, миқдори начандон зиёд аз Маҷористон (Венгрия) ва Эрон низ оварда мешавад. Гӯшти гови яхшуда дар “шакли тоза” начандон зиёд ворид карда мешавад: якчанд тонна аз Русия, Туркия ва Италия. Давоми соли охир Тоҷикистон аз Муғулистон низ гӯшт ворид мекунад.

Вале гӯшти воридотӣ, ки нархи арзон ҳам дорад, ҳама дар дӯконҳо фурӯхта намешавад, балки ба ошхона, қаҳвахонаҳои арзон, нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ки ба онҳо таъмини устувор ва нарх муҳим аст, на манбаи истеҳсоли маҳсулот, фурӯхта мешавад. Аксарияти оилаҳо барои хонаашон мисли пешин гӯшти маҳаллиро афзалтар медонанд, аз ҷумла барои он, ки 92%-и чорвои калони шохдор ва зиёда аз 80%-и бузу гӯсфанд маҳз дар хоҷагиҳои хусусӣ парвариш нигаҳдорӣ мешаванд. Мардум аз қассобоне, ки ба онҳо бовар доранд ё “худӣ” медонанд, гӯшт мехаранд.

Ҳамаи қассобон ва истеъмолгарони маҳаллӣ мегӯянд, ки таъму маззаи гӯшти гови воридотӣ мисли гӯшти тоҷикӣ нест.

Қассобон эътироф мекунанд, ки аз лиҳози талаботи беҳдоштӣ гӯштҳои воридотӣ маъмулан бад нестанд, аммо "таъмаш барои мардуми мо бегона менамояд". Аз ин рӯ, гӯшти гов аз Беларус ва Қазоқистонро бештар барои самбӯса, қимма ва хӯроки ба ин монанд истифода мебаранд, яъне дар ҷойҳое, ки масза бо хамир, хӯришҳо ва равған якҷо мешавад. Вале барои пухтани палав одамон кӯшиш мекунанд, ки аз гӯштҳои маҳаллӣ истифода бубаранд.

Д. ҚОДИРПУР

Нархи гӯшт дар кишварҳои Осиёи Миёна ва Русия бо доллари ИМА

ТОҶИКИСТОН: ≈ $10,90

ҚИРҒИЗИСТОН: ≈ $7,00

ЎЗБЕКИСТОН: ≈ $9,85

ҚАЗОҚИСТОН: ≈ $6,15

БЕЛАРУС: ≈ $8,75

РУСИЯ: ≈ $9,70

Манбаъ: Интернет

Аз нишастҳои матбуотӣ

Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе соли 2025 ба зиёда аз 2 миллиону 160 ҳазор мусофир хизмат расонидааст. Аз ин 1 миллиону 60 ҳазору 746 нафарро мусофирони омада ва 1 миллиону 99 ҳазору 502 нафарро мусофирони рафта ташкил медиҳанд.



Дар ин бора Ҳабибулло Назарзода, директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон ба хабарнигорон иттилоъ дод. Ҳамчунин, миқдори бор ва почтаи аз ҷониби терминали боркашонии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе қабулу интиқолшуда 2 ҳазору 394 тоннаро ташкил додааст.

Санъат Раҳимзода, сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар соҳаи саноат ва кӯҳкории назди Ҳукумати Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ гуфт, аксари афроди хориҷие, ки ҳангоми кор кушта ё захмӣ шудаанд, шаҳрвандони Чин ҳастанд.



“Аввал ин ки теъдоди шаҳрвандони ин кишвар, ки дар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон кор мекунанд, зиёдтар аз дигар кишварҳост. Сониян, онҳо дар шароити хос - ё дар нақб, ё риоя накардани қоидаи бехатарӣ ба фоҷеа дучор омадаанд”,- гуфт Санъат Раҳимзода.

Соли гузашта дар умум 40 нафар дар корхонаҳои Тоҷикистон ба ҳалокат расида, ба ҷуз панҷ хориҷӣ, бақия ҳама шаҳрвандони Тоҷикистонанд. Теъдоди захмиён 27 нафар мебошад.

Соли 2025 дар ягон кори диссертатсионӣ ҳолати асардуздӣ ба қайд гирифта нашудааст. Аммо дар беш аз 100 кори илмӣ истифодаи ҳуши маснуӣ ошкор гардидааст.



Дар ин бора Сайфиддин Давлатзода, раиси Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод. Ӯ гуфт, ки дар соли 2025 барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз шуроҳои диссертатсионӣ ба КОА 602 кори илмӣ ворид шуд. Аз ин шумора 568 диссертсия тасдиқ гардидааст: 78 доктори илм, 406 номзади илм ва 84 доктори фалсафа.



РӮЗГОР ВА ОСОРИ АБАРМАРДИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ ТОҶИК, САРСУПУРДАИ МИЛЛАТ, ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН, АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ, КИ НОМИ Ӯ БО ЭҲЁИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВВИЯТИ ТАЪРИХИ ТОҶИКОН ПАЙВАНДӢ ДОРАД, СОЛҲО БОЗ МАВРИДИ ТАҲҚИҚ ҚАРОР ДОРАД. ВАЛЕ ДАР БОРАИ ҲАЁТИ ХОНАВОДАГӢ, ОИЛА ВА ПАЙВАНДОНИ УСТОД ХЕЛЕ КАМ НАВИШТААНД.

САРНАВИШТИ ТАЛХИ НАБЕРА ВА АБЕРАИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

САФАР БА ТОШКАНД

Бинобар ин, кормандони Муассисаи давлатии "Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров" дар ҷараёни таҳияи шаҷараи оилавӣ ва омӯхтани зиндагӣ ва фаъолияти пайвандони ин донишманди бузург ҳастанд.

Аз сарчашмаҳои дастраси мо гардида маълум шуд, ки набера ва абераи академик Бобоҷон Ғафуров - Розия ва Нозия Ҷалоловаҳо, духтари Ғафурова Нинел Бобоҷоновна дар шаҳри Тошканд иқомат доштаанд. Бо мақсади дарёфти маводҳои нав ва огоҳӣ аз тақдири онҳо мо кормандони МД «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» - мудири маъхаз Сатторова Дилбар, сарходимони илмӣ Ҳоҷибоева Муқадам ва Қурбонова Мунира санаҳои 14-15-уми моҳи августи соли ҷорӣ бо фармоиши директори Осорхона тасмим гирифтем ба шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафари хизматӣ намоем.

РАФТАНДУ БАРНАГАШТАНД...

Сараввал мо бо роҳбари синфи Нозия - Аристова Наталя Юревна, ки ҳоло дар мактаби «Рост интеллекта»-и ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд, кӯчаи Миробод 41/2 фаъолият мебараду аз ин пеш дар боғча-мактаби рақами 347 кор мекард, вохӯрдем. Ҳангоми суҳбат муайян гардид, ки муаллима зани хоксор, ҳалим ва инсондӯст буда, нисбати Нозия меҳри зиёд доштааст.

Номбурда дар бораи Нозия - абераи Бобоҷон Ғафуров ҳарф зад ва гуфт: «Нозия ва модари ӯ Розияро аз бозе, ки роҳбари синф будам, нағз мешиносам. Нозия дар синфи 8А мехонд. Ӯ духтараки бисёр бомаданият, боистеъдод, тарбиядида буда, дар мактаб хуб мехонд. Ба мусиқӣ ва варзиш шавқу рағбати зиёде дошт. Модару духтар зебо ва хушқаду қомат буданд. Ҳаминаш дар хотирам мондааст, ки он рӯз рӯзи панҷшанбе буд: модар мисли ҳарвақта зебо, ғамхор, барои гирифта бурдани духтаракаш ба мактаб омад. Онҳо якдигарро ба оғӯш гирифтанд ва ҳамин тавр рафтанд. Бале, ҳарду рафтанд, лекин ба хаёли касе намеомад, ки онҳо якумра рафтаанд...».

Наталя Юревна чунон дар бораи онҳо нақл мекард, ки аз шунидани суханони ӯ мо ҳар се ба ваҷд омадем ва гиря гулӯгирамон намуд. Баъд муаллима оҳи чуқуре кашиду суханашро давом дод: «Аз марги Розия ва Нозия зиёда аз 21 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, меҳру муҳаббату симои онҳо дар қалби ман ва ҳамсабақонаш абадист». Сипас муаллима китоби Нинел Ғафуроваро зери унвони «Розия», ки аз тарафи муаллиф ба ӯ бо соядаст тақдим шуда буд, бо сояда-



Розия, набераи Бобоҷон Ғафуров



Нозия, абераи Бобоҷон Ғафуров

даст барои хотира ба осорхона туҳфа намуду қайд кард, ки дар он мақолаи ӯ ва ҳамдардии ҳамсабақонаш низ ҷой дода шудаанд. Мо китобро бо сипосмандӣ қабул карда, ба муаллима аксҳои хотиравии Осорхона ва академик Бобоҷон Ғафуровро тақдим намудем.

МОДАРУ ДУХТАРРО КУШТАНД

Пас аз суҳбати тӯлонӣ Наталя Юревна моро ба манзили истиқоматии Розия ва Нозия, ки ҳангоми дар ҳаёт буданашон (ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд, кӯчаи Моштабиб, хонаи 5, ошёнаи 4, ҳуҷраи 31) истиқомат доштанд, бурд. Дар он ҷо мо бо ҳамсояи Розия - Анжела, ки дар ошёнаи 1 зиндагӣ дошт, ҳамсуҳбат гардидем.

- Ман он рӯзи мудҳишро хуб дар ёд дорам,- мегӯяд Анжела.- Он рӯз, рӯзи шанбе, яъне 7-уми феврали соли 2004 буд. Розия бо ҳамроҳии духтараш дар ошёнаи чорум зиндагӣ дошт. Ҳамон рӯз дар хонаи онҳо ҳодисаи фочиавӣ рӯй дод, модару духтарро куштанд. Ин ҳодиса барои мо ҳамсояҳо ногаҳонӣ буда, то ҳол он моро ба ҳайрат мегузорад.

Барои ба хонаи охират гусел намудани духтаракон хешону пайвандон ва одамони зиёде ҷамъ омада буданд. Намедонам бовар мекунед ё не, пеш аз омаданатон мо бо ҳамсояи пешина хотираи онҳоро ёдоварӣ намудем. Онҳо духтаракони оромтабиат буданд, бо мо ва фарзандонамон муносибати хуб доштанд. Барои чӣ?...,- гуфт Анжела.

МАРҚАДИ НАБЕРАВУ АБЕРАИ ҒАФУРОВ

Сипас, бо ҳамроҳии муаллима ба зиёрати қабри модару фарзанд - Розияи 42-сола ва Нозияи 15-сола, ки дар оромгоҳи «Минор» дафн шудаанд, роҳ паймудем. Дар сари қабр порае аз «Қуръони маҷид» тиловат намуда, дар сари қабрашон гулгузорӣ намудем.

Ҳамон лаҳза ба мо маълум гардид, ки дар ҳамин оромгоҳ боз як қабри дигар бо санги ёдбудии мармар нисбати модару фарзанд аз ҷониби Нинел Ғафурова ва Зарина - хоҳари Розия гузошта шуда будааст. Вақте ки Нинел баъди дафни духтару набераash ба Тошканд меояд, ба сари қабри онҳо меравад ва мавзеи қабр аз сабаби сари роҳ буданаш ба ӯ писанд намеояд. Вай тасмим мегирад, ки боз як қабри дигар дар бари бибиаш Нурҷаҳон Бесакаева бунёд кунад. Мо он қаброро низ зиёрат кардем. Дар рӯйи санг тарҳи барҷастаи дуқуи сафеди ба ҳамдигар унс гирифта ва дар зери он навиштаҷот бо забони русӣ «О лебедь душа слёзы жемчуг пролей» вуҷуд дошт. Бо дидани тасвири рӯи санг беихтиёр ашк аз чашмон ҷорӣ мегардид...

ХОТИРАИ НИНА ПАВЛОВНА

Мақсади сафари мо, ки бардошти хотираҳо буд, бо ҳамин мақсад ба назди директори боғча-мактаби «Журавлёнок» Нина Павловна, ки Нозия асосан дар ин муассиса таълим ва тарбия гирифта буд, раҳсипор гардидем.

Муаллима хеле пиронсол буда, баробари шунидани номи толибааш Нозия ба гиря даромад. Баъди лаҳзаи ором шудан дар бораи Розия ва Нозия нақлҳои аҷиб намуд. Аз рӯи нақ-



Аз чап рост дуюм, роҳбари синфи Нозия – Аристова Наталя Юревна



Директори боғча-мактаби «Журавлёнок» Нина Павловна



ли Нина Павловна аён гардид, ки Розия бинобар соати кории муайян надоштанаш духтараш Нозияро ба ҳамин муассиса барои идомаи таҳсил овардааст.

- Ӯ бисёр духтараки зебову хушқаду қомат, боодоб, ботамкину бомаҳорат буд,- мегӯяд Нина Павловна.

рон мемонанд. Ғайр аз ин, Розия инсони дорои фарҳанг ва шараф буд. Бо ӯ ҳамсуҳбат шудан гуворо буд, зеро аз ин гуфтугӯ бисёр чизро омӯхтан мумкин буд. Аз гуфтаҳои устод ба хулоса омадем, ки истеъдоди баланди Розия аз бобои нобиғааш академик Бобоҷон Ғафуров ва модаркалонаш шоира Розия Озод мерос омада бошад".

Худи ҳамон рӯз мо бо дугонаи наздик ва ҳамкори Розия Ҷалолова - Фирӯза Исомуҳаммедова ҳамсуҳбат гаштем. Аз суҳбати Фирӯза маълум буд, ки ӯ тайи солҳои тӯлонӣ ва ҳоло ҳам худро танҳо ҳис намуда, дилаш ба дугонааш, ки дар рӯзҳои вазнину мушкили ӯ доимо паҳлуяш буд, гум мезанад. Фирӯза аз кору фаъолияти Розия сухан кард.



Аз рост дуюм ҳамкори Розия — Шоқаҳҳор Салимов

РОЗИЯИ ДИГАР

Баъди анҷоми суҳбат бо муаллима ва аксҳои хотирмон мо роҳ ба ҷониби телевизиони «Севимли» пеш гирифтем, ки бо Шоҳқаҳҳор Салимов - узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон вохӯрем. Номбурда бо Розия Ҷалолова дар шуъбаи барномаҳои форсии радиои байналмилали Тошканд кор кардааст. Ӯ мегӯяд: "Розия зани хушқаду қомат ва камсухан буда, дар шуъбаи мо ҷойгоҳи махсус дошт. Факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тошкандро соли 1986 хатм карда буд. Розия забони форсиро хуб медонист. Вазифаи ӯ дикторӣ буд. Асосан барномаҳои адабии «Чашма» ва «Номаҳои дил»-ро мебурд. Шеърро бо забони форсӣ ба дараҷаи олӣ қироат менамуд. Овозаш форам буд. Ҳар шахсе наздаш меомад, ба ӯ бо ҳавас менигарист, зеро дар ҳақиқат ҳам зани сарвқомат буда, ба кор муносибати ҷиддӣ дошт. Розия ҳар садоро дуруст ва равшан талаффуз мекард. Аз ин сабаб матне, ки вай мехонд, зебо ва фаҳмо садо медод. Ба гуфтораш гӯш кардан лаззатбахш буд ва ҳамин тавр мефаҳмидӣ, ки чаро форсиро забони шоирон меноманд. Ғайр аз ин, Розия инсони дорои фарҳанг ва шараф буд. Бо ӯ ҳамсуҳбат шудан гуворо буд, зеро аз ин гуфтугӯ бисёр чизро омӯхтан мумкин буд. Аз гуфтаҳои устод ба хулоса омадем, ки истеъдоди баланди Розия аз бобои нобиғааш академик Бобоҷон Ғафуров ва модаркалонаш шоира Розия Озод мерос омада бошад".

НАСЛИ ҒАФУРОВ ИДОМА ДОРАД


Боз муждае, ки Фирӯза ба мо расонид, ин дар бораи Нинел Ғафурова - нахустфарзанди Бобоҷон Ғафуров буд, ки дар қайди ҳаёт асту ҳоло дар Испания бо ҳамроҳии духтари хурдиаш Зарина истиқомат дорад. Аз гуфтаи ӯ бармеояд, ки Зарина бо марди испанӣ издивоҷ намуда, соҳиби писарчаи 14-сола бо номи Габриел мебошад. Мо аз шунидани ин хабари хуш мамнун гаштем, ки насли аллома Бобоҷон Ғафуров то ҳол идома доштааст.

Сафари чандрӯзаи мо бароямон аз тақдири яке аз пайравони насли ояндадори абармарди миллати тоҷик дарак дод, ки ғуррамарг аз ин дунё рафтааст. Агар ин ҳаёт вафо мекард, Розияи донишманд имрӯз нисбати бобои хеш даҳҳо асару китоб эҷод менамуд, зеро аз сарсухани китоби модараш мо пай бурдем, ки дар солҳои охири умраш ӯ аз ҳама ҷо маводҳову аксҳои бобояш Бобоҷон Ғафуров ва модаркалонаш шоира Розия Озодро ҷамъ намуда, умед дошт, ки дар оянда дар бораи авлоди бузурги хеш китоб-албоме омода намояд, лек...

Д. САТТОРОВА,
М. ҲОҶИБОЕВА,
М. ҚУРБОНОВА,
кормандони Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров

100-СОЛАГИИ АЙТМАТОВРО ҶАШН НАГИРЕД

Посухи хоҳари нависанда ба даъвогарон



Чингиз Айтматов яке аз нависандагони бузурги олам дар асри XX аст. Осори мондагори ӯ дар Тоҷикистон хонандагони зиёд дорад. Ҳатто мегӯянд, ки Айтматовро дар Тоҷикистон бештар аз ватани худаш дӯст медоранд... Чандест, ки дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоии Қирғизистон як навъ ҳамла ба ному осори ин нависандаи бузург оғоз шудааст. Мунтақидон Чингиз Айтматовро ба надонистани забони модариаш, яъне қирғизӣ, огоҳӣ надоштанаш аз оинҳо ва суннатҳои миллӣ, дурӣ аз дини Ислом ва даст доштанаш дар чанд қазияи номатлуби сиёсӣ айбдор мекунанд. Чанд рӯз пеш хоҳари Чингиз Айтматов Роза Турақуловна Айтматова бо нашри як муроҷиатнома ба мунтақидони бародараш посух гуфт. Чун дар ин муроҷиатнома ба бисёр саҳифаҳои рӯзгору осори нависанда равшанӣ андохта шудааст, мухтасари онро манзури шумо мегардонем.

Чанде пеш ман сахт бемор шудам ва муддати тӯлонӣ дар бемористон бистарӣ будам. Ҳоло, шукри Худо, аҳволам хуб аст. Чанд соле, ки Парвардигор бароям муқаррар кардааст, ҳамон қадар зиндагӣ хоҳам кард.

Аммо дар рӯзҳои охир дилам сахт дард мекунад... Аз он сабаб, ки бархе афрод ба паҳн кардани овозаҳо ва суханҳои носазо дар бораи бародарам Чингиз пардохтаанд ва хотираи ӯро сиёҳ месозанд.

Ман сахт андуҳгин шудам, ашк рехтам. Аз рӯзи даргузашти бародарам аллакай 17 сол сипарӣ шудааст, вале боз ҳам касоне ҳастанд, ки рӯҳи ӯро ором намегузоранд: ӯро муҳокима ва интиқод мекунанд, мисле ки гӯё бо ӯ ҳамсуҳбат будаанд ё аз дӯстони наздики ӯ бошанд.

Мардум мегӯянд: «Дар бораи мурда бад намегӯянд», вале мутаассифона, воқеият дигар хел шуд. Ӯро ҳатто пас аз маргаш низ ором нагузоштанд...

Ростӣ, ман аз ин афрод ранҷида ҳам нестам. Бигзор ин ҳама бар дӯши виҷдони худи онҳо бимонад.

Пуштибонии бародарам аз ҷониби Манас-ота аст. Дар ин бора бузургвор Саякбой Қаралаев гуфта буд. Ман барои касоне, ки хотираи Айтматовро сиёҳ мекунанд, бадӣ намехоҳам, аммо бояд ҳушёру боэҳтиёт буд...

Соли 1991 Ата-Бейит боз шуд; дар миёни 137 нафаре, ки бегуноҳ парронда шуда буданд, устухонҳои падари ман низ пайдо шуданд. Ман тавонистам қотилони падарамро бубахшам. Ин афродро низ мебахшам. Аммо дар даруни дилам боз ҳамон савол бармегардад:

«Оё ин кӯшиши огоҳонаи душманон барои ҷудо сохтани мардуми қирғиз ва барангехтани кина нест?».

Шояд ҳадафашон ҳамин бошад, Худо медонад. Ва ман боз ҳам ҳама чизро ба доварии Худованд месупорам.

Имсол синнам ба 89 мерасад. Дар зиндагӣ бисёр чизҳоро дидаам: ҳам хуб, ҳам бад; ҳам авҷ, ҳам суқут. Аммо ҳеҷ гоҳ касе ба ман чунин дарди амиқу сангин нарасонида буд...

Пас аз боздошт ва парронда шудани падарам, хонаводаи мо дар фақру тангдастии даҳшатнок умр ба сар мебурд. Мо гуруснагӣ, маҳрумият ва сахттарин озмоишҳоро аз сар гузаронидем. Моро бо бераҳмӣ ҳамчун «фарзандони душмани халқ» таъқиб мекарданд.

Аммо сипоси беандоза ба мардуми қирғиз! Сипос ба хешовандони падарам! Ҳазорон бор ташаккур ба мардуми Шекер, ба мардуми Талас! Агар онҳо намебуданд, кӣ медонад, оё мо умуман зинда мемондем ё не? Мо маҳз ба шарофати ёрии мардумони одӣ зинда мондем.

Сипоси хос ба модарам - Нагима Айтматова. Бо вуҷуди ҳама сахтиҳо, ӯ моро ба по рост кард. Афсӯс, ки ҳам он замон ва ҳам имрӯз касоне ёфт шуданд, ки ҷуръат карданд ба ӯ ҳамла кунанд...

Модари ман зани қаҳрамон буд. Ӯ фарзандони Турақулро ба Шекер овард ва гуфт: «Шумо қирғиз ҳастед, бо халқи худ бошед!».

Ӯ моро миёни мардум ба воя расонд ва бо дарки амиқи тааллуқ ба халқи қирғиз тарбия кард.

Ӯ ба мо чунин мегуфт:

- Чингиз, Илгиз, фарзандони ман, духтаронам, шумо фарзандони Турақул ҳастед. Шумо аз насли Қитай ҳастед. Саратонро баланд доред. Дар ҳар кучое бошед, номи падарро доғдор насозед.

Ҳар ду бародарам ва хоҳарам умри худро ба халқи худ, ба сарзамини худ бахшиданд. Оё касе метавонад бигӯяд, ки онҳо ба касе бадӣ кардаанд?

Маро махсусан ин чиз ба андуҳ меорад, ки ҳама айбҳоро бар дӯши Чингиз бор мекунанд ва ӯро дар ҳама чиз гунаҳкор мешуморанд.

Эҳ, кош ӯ имрӯз меомад ва мегуфт: «Ин хел набуд, воқеият чунин буд» - шояд овозапардозон хомӯш мешуданд...

Бародари ман Чингиз халқи қирғизро ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ кард. Ӯ достони «Манас»-ро ба ҳар гӯшаи олам расонд. Чӣ қадар заҳмат кашид барои рушду густариши забони қирғизӣ дар шароити низоми Шуравӣ! Чӣ қадар бо мансабдорони вақти худ мубориза бурд, то мактабҳои қирғизӣ дар Фрунзе боз шаванд. Ва ба ифтитоҳи ду мактаб муваффақ шуд!

Аммо имрӯз худи мо бо танқиди хотираи ӯ назди тамоми ҷаҳон худро шармсор месозем...

Ҳеҷ яке аз овозаҳои интернетӣ ба ҳақиқат мувофиқ нест. Барои ҳарфҳоям далелҳои муътамад дорам.

Овозаҳо паҳн шуданд, ки гӯё Чингиз ба забони русӣ менавишт, забони қирғизиро намедонист ва ҳеҷ гоҳ ба қирғизӣ эҷод накардааст. Барои чунин одамон муҳим нест, ки китобҳои ӯ ба 185 забони ҷаҳон тарҷума шудаанд.

Барои онҳое, ки аз ин ҳақиқат бехабаранд: аз рӯйи шумораи китобҳои нашршуда Айтматов дар ҷаҳон баъд аз Шекспир ва Толстой мақоми сеюмро ишғол мекунад.

Сабаби онро ки чаро ӯ баъдан ба забони қирғизӣ камтар навишт, низ равшан мекунам.

Соли 1957 дар Қирғизистон бародари маро бархе мансабдорони баландпояи шуравӣ бераҳмона таъқиб карданд. Онҳо иддао мекарданд, ки гӯё аз Маскав номае расидааст, ки дар он навишта шудааст: «Ин ҷавон, яъне Айтматов зидди идеологияи шуравӣ баромадааст, адабиёти шуравиро зери шубҳа мегузорад, ӯро бартараф кунед!».

Мансабдорони маҳаллӣ, ба истилоҳ, «зиёдаравӣ карданд»: ӯро ба беморӣ расониданд, аз чопи асарҳояш боздоштанд, таҳқир карданд.

Ҳатто ба модари ман мегуфтанд: «Агар лозим шавад, коре мекунем, ки писарат Чингиз тақдири падараш Турақулро такрор кунад. Бигзор навиштанро бас кунад!».

Тасаввур кунед ҳолати модареро, ки чунин суханонро мешунавад...

(Давомаш дар саҳ. 11)

ДАР БОХТАР БАРОИ РУШДИ БЕШТАРИ МАОРИФ ЧОРАҲОИ СУДМАНД МЕАНДЕШАНД

Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ, Консепсияҳо, дастурҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар дар нуҳ моҳи соли 2025 корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.



Бино ба иттилои мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтар Шоиста Абдуназарзода, амалисозии барномаҳои давлатӣ, назорати раванди таълиму тарбия, сатҳи дониши хонандагон, муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои фаннӣ, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, амалисозии барномаи компютерикунонӣ, дохилшавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр тариқи Маркази миллии тестӣ ва ғайра роҳандозӣ гардида, дар натиҷа сатҳу сифати таҳсилот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта боз ҳам беҳтар шудааст.

Ба гуфтаи ӯ, дар тобеияти шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар 15 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 5 литсей, 1 гимназия, ҷамъ 24 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 32570 нафар хонандагон ва аз ин шумора 14797 нафар духтарон фаъолият менамоянд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 2060 нафар хонандагон зиёд мебошанд. Шумораи умумии омӯзгорон дар соли хониши 2025-2026-ум 1412 нафар буда, 1054 нафарашонро занон ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 1166 нафар бо таҳсилоти олии касбӣ ва 246 нафар бо маълумоти миёнаи махсус фаъолият доранд.

Инчунин, 19 муассисаи давлатии таълимии томактабӣ, 3 муассисаи хусусӣ ва 1 адад соҳавӣ-таълимии томактабӣ бо фарогирии 4240 нафар тарбиятгирандагон фаъолият намуда истодаанд. Барои таълиму тарбияи онҳо 247 нафар мураббияҳо кору фаъолият менамоянд. Ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти томактабии шаҳр бо ҳамшираи тиббӣ, омӯзгорони забони русӣ ва англисӣ, омӯзгорони мусиқӣ таъмин мебошанд. Омӯзиши фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҳама муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Айни замон дар шаҳри Бохтар 17 маркази инкишофи кӯдак бо 40 гурӯҳ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият менамоянд, ки шумораи умумии кӯдакон 1020 нафарро ташкил медиҳад.

Зикр гардид, ки тибқи нақшаи кории шуъбаи маориф дар ин давра 12 Шурои шуъбаи маориф бо баррасии зиёда аз 78 масъала нисбати сифати таълим, иҷроиши барномаҳои давлатӣ, қонунҳои соҳавӣ гузаронида шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда шудаанд. Инчунин аз тарафи мушовирони шуъбаи маориф дар муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 37 семинарҳои методии дастурдиҳӣ баргузор карда шудааст.

Натиҷаи сатҳи донишазхудкунии хонандагон дар чоряки якуми соли таҳсили 2025-2026 ба 98,9% ва сифатнокӣ ба 58,6 % баробар мебошад.

- Қайд кардан бамаврид аст, ки то ин давра хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Бохтар дар олимпиадаҳои фаннии мактаббачагон дар даври ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, хонандагони синфҳои 5-11 сазовори 150 ҷой ва 14 ҷойи ифтихорӣ гардиданд, ки нисбат ба соли 2024-ум 38 адад зиёд мебошад. Аз ҷумла, 15 адад медали тило, 17 адад нуқра ва 118 адад биринҷӣ. Ҳамзамон, хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Бохтар дар олимпиадаҳои сатҳи байналмилалӣ ширкат варзида, то ин давра сазовори 288 ҷойи намоён гардидаанд. Инчунин, дар соли 2025-ум 10 нафар хатмкардагони синфи 9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр соҳиби аттестати аъло гардида, 6 нафар хатмкардагони синфҳои 11-и муассисаҳои таълимии шаҳр сазовори аттестати аълои равиявӣ бо медали тило шуданд,- афзуд Шоиста Абдуназарзода.



Гуфта шуд, ки аз шумораи 1333 нафар хонандагони синфҳои 11 дар даврaи ҳисоботӣ тариқи Маркази миллии тестӣ 1110 нафар, 8 нафар гурӯҳҳои мақсаднок, 54 нафар хориҷи кишвар, мақомоти қудратӣ 13 нафар ва дар умум 1189 нафар ба донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва миёнаи касбии дохил ва хориҷи кишвар қабул гардидаанд, ки 89,1 %-ро ташкил медиҳад.

Дар даврaи таътили зимистона ва баҳорӣ дар муассисаҳои таълимӣ даври санҷиши хонандагони китобҳои бадеӣ аз тарафи хонандагон бо иштироки падару модарон гузаронида шудааст. Дар ин санҷиш 19 ҳазору 793 нафар хонандагон иштирок намуда, ба 2036 нафар беҳтаринҳо ва ғолибон тухфаҳои хотиравӣ супорида шудааст.

Инчунин, аз 1-уми марти соли 2025 озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” оғоз гардида, даврҳои дохили муассисавӣ ва шаҳрӣ ҷамъбаст шуда, 78 нафар довталабон ба даври вилоятии озмуни мазкур роҳхат гирифтаанд. Аз ин шумора 19 нафар довталабон ба даври ҷумҳуриявии озмуни мазкур роҳхат гирифтаанд, ки 11 нафарашонро хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр ташкил додаанд.

Ҳамзамон, аз 1-уми апрели соли 2025 даври аввали озмуни ҷумҳуриявии “Илм фурӯғи маърифат” оғоз гардида, даври шаҳрии он низ ҷамъбаст шуда ва 129 нафар ғолибони даври шаҳрии озмун ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтаанд. 25 нафар ғолибони даври вилоятии озмуни мазкур дар даври ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, 3 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд.

Дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо ташаббуси мудири шуъбаи маориф курси омӯзиши забони англисӣ ва забони русӣ ташкил карда шуда, ба он 23 нафар роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ ҷалб карда шудаанд.

То ин давра муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17 барои 620 нафар хонанда иборат аз 31 адад синфхонаҳои таълимӣ пурра ба истифода дода шуда, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 сохтмони бинои иловагӣ барои 320 нафар хонандагон иборат аз 15 адад синфхонаҳои таълимӣ аз ҳисоби маблағҳои мақомоти маҳаллӣ идома дорад. Ҳамзамон, дар маҳаллаи Зархези шаҳри Бохтар сохтмони 1 адад муассисаи таълимии томактабии хусусӣ барои 240 нафар тарбиятгиранда ба итмом расидааст ва рӯзҳои наздик ба истифода дода хоҳад шуд. Илова бар ин, дар ҳудуди шаҳри Бохтар дар панҷ соли оянда сохтмони 4 адад муассисаҳои томактабӣ барои 570 нафар тарбиятгиранда ва сохтмони боз 4 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 2608 нафар хонандагон пешбинӣ гардида, дар се адади онҳо корҳои ҳуҷҷатгузорӣ ва омодагӣ оғоз гардидааст.

Ҷиҳати омӯзиши технологияҳои муосир дар даврaи ҳисоботӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳр 1654 адад компютерҳо, 1215 адад камераҳои мушоҳидавӣ, 140 адад принтерҳо, 71 адад видеопроекторҳо ва 72 адад тахтаҳои электронӣ мавҷуд мебошад.

Ба гуфтаи мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтар Шоиста Абдуназарзода, айни замон дар кабинети методии шуъбаи маориф 12 нафар мушовирон фаъолият намуда истодаанд.

- Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникӣ, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва хориҷи кишвар, ҷалби мутахассисони ҷавон ба кор аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, баҳри ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас чораҳои судманд меандешад,- итминон дод Ш. Абдуназарзода.

Машраби АЛОВИДДИН

100-СОЛАГИИ АЙТМАТОВРО ҶАШН НАГИРЕД

(Аввалаш дар саҳ. 9)

Чингиз муддати тӯлонӣ наметавонист аз бистар бархезад. Танҳо пас аз сафед гардидани номи падар кам-кам рӯ ба беҳбудӣ овард.

Эҳтимол, рӯҳи падар пуштибонаш буд. Ман номҳои онҳоеро, ки ин таъқибу таънаҳоро роҳандозӣ карданд, намеорам. Онҳоро низ бахшидаам.

Маҳз бинобар ҳамин фишорҳо ӯ имкони навиштан ва нашр шудан ба забони қирғизиро надошт. Ин худи мо - қирғизҳо - ба ӯ иҷоза надодем, ба роҳаш санг андохтем.

Вай дер боз роҳе намеёфт, намедонист чӣ бояд кард. Дар бораи моneаҳои эҷодие, ки мансабдорони Ватанаш барояш эҷод мекарданд, шоири бузурги шуравӣ ва рус Александр Твардовский огоҳ шуд. Маҳз ӯ бародари маро дастгирӣ кард ва гуфт: «Чингиз, ба русӣ бинавис! Мо туро дар маҷаллаи “Новый мир” нашр мекунем. Он гоҳ ҳамватанонат ба ту даст расонида наметавонанд». Ҳамин тавр, ӯ ба забони русӣ эҷод карданро оғоз намуд.

То ҷое ки медонам, тақрибан понздаҳ сол асарҳои ӯ умуман дар Қирғизистон нашр намешуданд, танҳо дар Русия чоп мегардиданд. Инро низ метавон бо далел исбот кард. Ҳол он ки Чингиз дар Шекер, миёни деҳқонони одӣ ба воя расида буд, забони модариро ба хубӣ медонист, китобҳои аввалини худро ба қирғизӣ навишта буд. Ӯ ба забони модарӣ ифтихор мекард ва онро ҳимоя менамуд.

Мардуми қирғиз ҳеҷ гоҳ аз Айтматов бадие надидааст, ҷуз некӣ. Ӯ бо тамоми вуҷудаш барои ҳар яки шумо месӯхт.

Бархе ӯро гунаҳкор мешуморанд, ки гӯё дар солҳои 1990-ум, замоне ки мардум дар тангдастӣ қарор дошт, «дар Аврупо бо айшу нӯш зиндагӣ мекард». Ин дурӯғ аст. Ӯ сафири Қирғизистон буд ва нахустин касе шуд, ки робитаҳои кишварро бо Ғарб барқарор кард: бо Фаронса, Белгия, Англия ва Олмон.

«Халқи ман дар Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекунад. Мо, қирғизҳо, ҳарчанд халқи камшуморем, аммо қодирем муносибатҳои баробарҳуқуқ барқарор намоем»,- бо чунин андешаҳо ӯ дар шинохти байналмилалии ҷумҳурии ҷавони истиқлолёфтаи мо саҳми бузург гузошт. Фаъолияти дипломатии ӯ саҳифаи ҷудогона ва бисёр муҳими таърих аст.

Бо вуҷуди ин, касоне ҳам ҳастанд, ки иддао мекунанд, гӯё дар рӯйдодҳои Ош дар соли 1990 Чингиз Айтматов дар «ҷоноби ӯзбекҳо» қарор дошт. Бигзор ман дар ин бора низ нақл кунам, сипас худатон доварӣ кунед.

Пас аз ҳаводиси соли 1990 аз ӯ пурсидам:

- Чаро ту фавран ба Ош нарафтӣ ва ба Ӯзбекистон парвоз кардӣ?

Ӯ он вақт чунин ҷавоб дод:

- Вақт набуд. Ман он рӯзҳо дар Маскав будам. Аз он метарсидам, ки муноқиша ба бархӯрди мусаллаҳона табдил ёбад, бинобар ин тасмим гирифтам бо Ислом Каримов мулоқот кунам. Бо ёвари ӯ тамос гирифтам. Ӯ гуфт: «Хуб, Ислом Абдуғаниевич шуморо қабул мекунад». Таъхир кардан мумкин набуд, маҷбур шудам фавран парвоз кунам. Аз ҳамин сабаб натавонистам ҳамон дам ба Қирғизистон баргардам.

- Пас ту ба Каримов чӣ гуфтӣ?,- пурсидам ман, ҳанӯз аз ҷавобаш ба худ наомада.

Ӯ гуфт:

- Ислом Абдуғаниевич маро интизор буд. Ман бо ду нависандаи ӯзбек ворид шудам, мо муддати тӯлонӣ суҳбат кардем. Дар анҷом ба Президенти Ӯзбекистон гуфтам: «Мо халқҳои хешу таборем: қирғизҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо - бо решаи муштарак. Агар мо-ёни мо низои ҷиддӣ аланга гирад, ин метавонад барои тамоми Осиёи Марказӣ ба фоҷиаи бузург табдил ёбад».

Дар посух Каримов гуфт: «Чингиз Турақулович, ман шуморо фаҳмидам. Ягон сарбози мо марзи Қирғизистонро убур нахоҳад кард».

Ва ӯ ба ваъдааш вафо намуд.

Ҳамин тавр, бародари ман ҷанги бузургеро дар Осиёи Марказӣ пешгирӣ кард. Агар он замон низоъ ба оташи ҷанг табдил меёфт, мо то имрӯз ҳам оқибатҳои онро мечашидем. Оё метавон касеро, ки ҷангро миёни Ӯзбекистон ва Қирғизистон пешгирӣ кардааст, хиёнаткор номид?

Ҳамчунин касоне ҳастанд, ки Айтматовро дар интихоб шудани Аскар Акаев гунаҳкор медонанд. Ин низ дурӯғ аст.

Аскар Акаевро на Айтматов, балки Шурои Олӣ интихоб карда буд. Вақте ки се номзади қаблӣ овози кофӣ нагирифтанд, бародари ман танҳо чунин пешниҳод кард: «Ба ин ҷавон - Акаев - диққат диҳед, агар муносиб бошад».

Ин ҳақиқат аст. Худи бародарам дар лаҳзаи интихобот дар Қирғизистон ҳузур надошт ва ба ҳеҷ ваҷҳ дахолат накард, барои номзадии ӯ давутоз ҳам нанамуд. Акаевро вакилони он давра мустақилона ҷонибдорӣ намуда, интихоб карданд.

Мехоҳам бигӯям: мо набояд ҳатто президентҳоро сиёҳ намоем. Президент низ рамз аст, чун парчам, нишони давлатӣ ва Манаси мо. Чаро мо рамзҳои худро ба лой молида, қадрашонро мешиканем? Дар назди ҷомеаи байналмилалӣ мо чӣ гуна менамоем?

Акнун дар бораи муҳимтарин масъала.

На бародари маро ситоиш кунед ва на ӯро сиёҳ намоед - бигзор бо оромӣ бихобад.

Ҳатто фикр дорам аз ҳукумат хоҳиш намоям, ки ҷашни 100-солагии Чингиз баргузор нашавад. Аллакай мебинам, ки боз эътирозҳо оғоз меёбанд: «Имкон дошт, ин маблағҳоро ба кори дигаре сарф кард!».

Бинобар ин, пешакӣ хоҳиш мекунам: бигзор маблағҳое, ки барои таҷлили 100-солагӣ пешбинӣ шудаанд, бехтараш ба кумаки мардуми одӣ равона гарданд. Ин самимитарин ва воқеитарин ёдгоре хоҳад буд барои ӯ.

Дар анҷом, мехоҳам ба ҷомеаи мусалмон низ мурочиат намоям.

Модари ман таҳсили ҳудро дар мадрасаи занона ба поён расонида буд, хати арабиро хуб медонист ва “Қуръон”-ро мустақиман аз китоб мехонд. Ҳар он чӣ медонист, ба мо низ меомӯзонд. Бештар ин таълим ба писари калонӣ дахл дошт. Дар замони шуравӣ нигоҳ доштани Китоби муқаддаси “Қуръон” дар хона иҷоза надошт, аммо дар сандуқи модарам, чунон ки дар ёд дорам, “Қуръон” пинҳон нигоҳ дошта мешуд. Ӯ бо вуҷуди бемориҳо рӯза медошт ва ба мо аз тафсири оятҳои “Қуръон” қисса мекард.



Роза, хоҳари Чингиз Айтматов

Дар сахттарин лаҳзаҳои зиндагӣ мегуфт, ки Худованд ӯро меозмояд, бояд сабр кунад, бояд фарзандонро ба по рост намояд. Ба гумонам, маҳз дониши “Қуръон” ба ӯ кумак кард, то бар мушкилиҳои зиндагӣ пирӯзояд. Ӯ ин донишро ба мо - фарзандонаш низ омӯзонд.

Бародари ман аз тарафи модар - Ренат - ба ёд меовард, ки ҳар дафъа китобҳои Чингиз ба табъ мерасиданд, модар ба ҳуҷраи худ танҳо мерафт ва бо адои намоз шукри Парвардигорро ба ҷо меовард.

Бобои модарии ман — Ҳамза, дар бунёди мадраса ва масҷид саҳм гузошта, дар густариши ислом миёни қирғизҳо нақши бузург дошт. Бобокалони мо аз тарафи модаркалон замоне вазифаи муфтии Сибир ва Қазоқистонро бар уҳда доштааст. Мо аз авлоди чунин шахсиятҳои барҷаста ҳастем.

Аз ин рӯ, суханоне, ки гӯё Айтматов «аз дин дур шудааст», пуч ва беасосанд. Ӯ ба имон эҳтиром мегузошт ва зиндагии худро дар роҳи хизмат сипарӣ мекард. Ба ҷуз худи Худо, кӣ метавонад имони ҳақиқии инсонро чен кунад?

Дар бораи эътиқод ва маънавияти ӯ китобҳои Чингиз гувоҳӣ медиҳанд. Новобаста аз дину мазҳаб, мардум ба осор ва андешаҳои ӯ посух медиҳанд; магар ин далел нест, ки бародари ман низ инсоне наздик ба Худо буд?

Дар рӯйдодҳое, ки ӯ тасвир кардааст, ҳар як қаҳрамон намунаи воқеӣ дорад. Мо бо онҳо зиндагӣ мекардем, ҳамсоя ва хешованд будем. Дар китобҳои ӯ хаёлбофӣ нест. Тулғуной-апа воқеӣ буд, Ҷамила аз авули мо буд, Исмоил, Дуйшен... Ҳамаи ин дар асри бистум рух додааст. Чингиз Айтматов низ нависандаи асри бистум буд. Имрӯз замон дигар аст, рӯйдодҳо дигар, мафҳумҳо дигар. Аммо новобаста аз замон, чунон ки худи ӯ гуфтааст, бар дӯши мо ҳар рӯз як вазифа ҳаст - инсон будан.

Бишкек, 26-уми январи соли 2026

Тарҷума ва таҳияи
О.СОҲИБЗОДА

Аз нишастҳои матбуотӣ

Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Истаравшан 990 адад иншооти ҷашнӣ бунёду ба истифода дода шуд. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ раиси шаҳри Истаравшан Абдусаттор Қодирӣ иттилооъ дод.



Гуфта шуд, ки тибқи нақшаи чорабиниҳо дар шаҳри Истаравшан таъмиру азнавсозӣ ва сохтмони 990 адад бинову иншоот ба нақша гирифта шуда буд. То имрӯз ҳамаи ин иншоот пурра ба истифода супорида шуда, иҷрои нақша 100 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, нақшаи чорабиниҳои соли 2025 аз 198 адад иншоот иборат буда, дар соли ҷорӣ ҳамаи онҳо сохта, мавриди истифода қарор дода шудаанд. Таврe иттилоъ дода шуд, иншооти сохташуда соҳаҳои гуногунро дар бар мегиранд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент ҷиҳати муҳайё намудани шароити идомаи фаъолият ва кумак ба соҳибкороне, ки аз сӯхтор дар бозори “Гулистон”-и Ҷамъияти матлуботи шаҳр зарари молӣ дидаанд, тадбирҳои амалӣ меандешад.




Дар ин бора раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Номбурда қайд кард, ки ҳоло барои сохтмони маркази савдои нав зиёда аз 100 нафар бинокорон ҷалб шуда, соҳибкорон дар наздиктарин фурсат ба кори хеш бармегарданд. Маркази савдои нав дар масоҳати беш аз 780 метри мураббаъ бунёд шуда, то 400 нуқтаи савдо ва хидматрасониро ҷой додан мумкин аст.

Чанде аз “хонаҳои бесоҳиб”-и шаҳри Истиқлолро дубора ба соҳибонашон додаанд. Қаблан, мақомоти маҳаллӣ мехостанд ин манзилҳоро ба ниёзмандон диҳанд, вале соҳибмулкон пайдо шуда, норозигӣ карданд.



Дар ин бора Қаюмҷон Маҳмудзода, раиси шаҳри Истиқлол рӯзи 26-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Раиси шаҳри Истиқлол гуфт, ки то ҳол соҳиби 17 хона пайдо шудаанд ва манзилҳои худро соҳибӣ кардаанд. Ба гуфтаи раиси шаҳр, соҳибони хонаҳои дигар ҳам "оҳиста-оҳиста пайдо шуда истодаанд". Ёдовар мешавем, ки шаҳри Истиқлол дар шимоли вилояти Суғд ҷойгир буда, дар он ҷо солҳои пеш ақаллиятҳои гуногуни зиёд зиндагӣ доштанд. Баъдан, теъдоде аз онҳо шаҳрро тарк карданд ва хонаҳои онҳо холӣ монд.



КИВИ ШИФО МЕБАХШАД?


Киви дар бозори Тоҷикистон меваи нав аст. Вале дар муддати кӯтоҳ ҳамагон онро дӯст доштанд. Ин беҳуда нест, зеро киви дар баробари хушмазза будан, фоидаовар низ ҳаст.

Он барои бемориҳои системаи дилу рагҳо манфиатовар аст. Деворҳои рагҳои хунро мустаҳкам мекунад, хатари хунравиро коҳиш медиҳад, фишори хунро ба эътидол меорад. Бо шарофати калий, киви варамро пешгирӣ мекунад. Як киви дар як рӯз талаботи ҳаррӯзаи витамини С-ро таъмин мекунад - системаи масуниятро мустаҳкам месозад, муқовиматро ба бемориҳои сироятӣ беҳтар менамояд ва барқароршавиро суръат мебахшад.

Моддаҳои пектин, ки дар киви мавҷуданд, барои рӯдаҳо хеле фоидаоваранд. Илова бар ин, кивиро барои санги гурда, камхунӣ, атеросклероз, тарбод ва дигар бемориҳо истифода мебаранд.

3 РОҲИ ОСОНИ ТАБОБАТИ КАМХУНӢ

Камхунӣ яке аз бемориҳои паҳншуда аст. Бисёриҳо ба ин беморӣ аҳамият намедиҳанд ва онро сода мепиндоранд, ҳол он ки метавонад паёмадаш ягон касалии дигар бошад. Ҳангоми гирифтор шудан ба камхунӣ зуд ба табиб муроҷиат кунед. Зеро, агар сарчашмаи касалиро ёфта, табобат накунед, беморӣ баъди чанд вақт метавонад аз нав хурӯҷ намояд.



МО ҲОЛО БА ШУМО ЧАНД ТАБОБАТИ ХАЛҚИРО ПЕШНИҲОД МЕКУНЕМ:

Якум. Ним килограмм себ, ним кило лаблабуи сурх ва ҳамин миқдор сабзиро аз мошинаи мевачабак гузаронида, ба шарбати ҳосилшуда як пиёла асалро илова намоед. Шарбатро нағзакак якҷоя карда, рӯзе 3 маротиба 20 дақиқа пеш аз хӯрок якқошуқӣ нӯши чон намудан лозим. Мо инро дар таҷриба санҷида, боварӣ ҳосил намудем, ки дар бадали як моҳ камхуниро пурра бартараф менамояд.

Дуюм. Як пиёла чавро нағзакак шуста, дар якуним литр об муддати 10-15 дақиқа бичӯшонанд ва бо каме асал ширин карда, рӯзе 2-3 маротиба якпиёлагӣ бинӯшанд, камхуниро даво мебахшад.

Сеюм. Настаран (хуч) барои касоне, ки ба камхунӣ мубтало гаштаанд, беҳтарин давост. Одам ҳар бегоҳ 3 қошуқ хучро дар термос андохта, аз болояш ним литр оби чӯшомада резаду рӯзона кам-кам ин обро бинӯшад, худро бардам эҳсос хоҳад кард.

СЕ МАҲСУЛОТИ ХАТАРНОК БАРОИ ҒАДУДИ ЗЕРИ МЕЪДА

Бисёриҳо аз бемории ғадуди зери меъда ранҷ мекашанд. Вале фикр намекунанд, ки таомҳои ҳаррӯзаи мо ангезандаи ин беморӣ мебошанд. Мо барои онҳое, ки аз бемории ғадуди зери меъда ранҷ мекашанд, се маҳсулотеро ном мебарем, ки истеъмоли онҳо хатарнок аст.

1. Мандарин. Мандарин ба рӯдаи дувоздаҳангушта ворид шуда, луобпардаро ба таври чиддӣ зарар медиҳад, ғадуди зери меъда ва пуфакро барои чудо кардани миқдори зиёди ферментҳо ҳавасманд мекунад.

2. Хӯриши карам. Дар ин маҳсулот хавфи калонтарин кислотаи лактикӣ - метаболити асосии бактерияҳои кислотаи лактикист. Ва карам ҳар қадар бештар фермент карда шавад, туршӣ ҳамон қадар бештар мешавад. Чунин омехта барои микрофлораи рӯдаю меъда муфид аст, аммо ғадуди зери меъда бешубҳа инро дӯст намедорад.

3. Чормағз. Чормағз меваи нодир аст. Он дорои руҳ, йод, кислотаҳои равғани омега-3 ва равғанҳои солим дар шакли оптималии барои ассимилятсия (махсусан чормағз аз омега-3) бой мебошад.

Барои ғадуди зери меъда миқдори равғани таркиби панҷ дона чормағз метавонад бори вазнин гардад. Захираҳои бадани мо хеле зиёданд ва бори аввал гумон аст, ки чизе рӯй надиҳад, аммо баъди солҳо панкреатити музмин узвҳои нозукро ба таври назаррас заиф мекунад.

Аз ин рӯ, дар ҳама чиз бояд меъёрро нигоҳ дошт, то ки ғадуди зери меъда солим бошад.

Толеънома

Ҳамал *21.03 - 20.04*

Ҳафтаи бобарор меояд. Монеаҳо вучуд доранд, вале ба қувваи худ бояд бовар дошта бошед. Дар ин ҳафта бо ҳамкорон муноқиша накунед. Нафароне, ки бахти худро пайдо накардаанд, рӯзҳои наздик вохӯрии тақдирсозро интизор бошанд.

Савр *21.04 - 21.05*

Дар ин ҳафта ба дастгирии шиносони обрӯманд ва дӯстони боэътимод ниёз пайдо мекунед. Миёнаи ҳафта бо касе баҳс накунед. Дар чодаи муҳаббат ба гапи дӯстдоштаи худ диққат диҳед. Ҳафта барои пешгирӣ намудани бемориҳо мусоидат мекунад.

Ҷавзо *22.05 - 21.06*

Агар қаҳру ғазабро аз худ дур насозед, кор ба ҷанчоли калон ва канда шудани риштаи дӯстӣ мерасад. Бахти нафарони мучаррад кушода мешавад. Бадгумонӣ боиси хира шудани табъатон мегардад. Шуғли дӯстдошта сабаби аз даст додани пули зиёд мегардад.

Саратон *22.06 - 23.07*

Дар ин ҳафта хеле боэҳтиёт амал намоед, хатари аз даст додани обрӯву нуфузатон дар назар аст. Баъзеҳо ҷангҷӯву дағал мешаванд. Агар бо ақли худ кор кунед, аз нохушиву дилсиёҳӣ амон меёбед. Асабонияти аз ҳад зиёд боиси заиф гаштани масуният мегардад.

Асад *23.07 - 22.08*

Рӯзи душанбе ба хира гаштани табъи худ роҳ надиҳед, ҳолати бади рӯҳӣ боиси он мегардад, ки аз аҳли оила, наздикону ҳамкорон хафа мегардед. Табъи хуш ба рӯзгоратон шодиву фараҳ меораду нисбати шахси дӯстдошта ғамхору меҳрубонтар мешавед.

Сунбула *23.08 - 22.09*

Барои он ки дар ҷои коратон муноқишаву нофаҳмӣ сар назанад, кори худро ба дӯши дигарон бор накунед. Рӯзи сешанбе фикру андешаҳои мағшушро аз сар дур созед. Миёнаи ҳафта дилёбӣ кунед, он гоҳ ҳам муваффақ мегардеду ҳам пул ба даст меоред.

Мизон *25.09 - 22.10*

Ҳафта чандон хуб оғоз намеёбад, муноқишаву мушкилоти рӯзгор ва камбудиҳо дар ҷои кор шуморо дар ҳоли ногувор мегузоранд. Нофаҳмиҳои дар касбу кор сарзадаро оқилона бартараф месозед. Сафарҳо бобарор анҷом меёбанд.

Ақраб *23.10 - 22.11*

Ҳафтаи душвор аст, захмати зиёд мекашед, вале пули кам ба даст оварда, табъатон хира мегардад. Аз туҳмату иғвогариҳои дар атрофатон мавҷудбуда эҳтиёт шавед, эҳтимол баъзе атрофиёни худро хуб намешиносед.

Қавс *25.11 - 21.12*

Ҳафтаи навро ба бехтар сохтани вазъи молиявӣ бахшида, тамоми диққати худро ба кор равона созед. Ба сафар баромаданро тавсия намедиҳем. Мушкилиҳои молиявӣ бобарор анҷом меёбанд. Нафарони ошиқ ба рашки зиёд роҳ медиҳанд.

Ҷаддӣ *22.12 - 20.11*

Дар зиндагиятон тағйироте рух медиҳад, ки кайҳо боз интизораш будед. Баъзе нафарони мучаррад оиладор мешаванду зиндагии мустақилона оғоз мекунанд. Дар ҷои кор ба иғвогарии бадхоҳон дода нашавед. Миёнаи ҳафта даромади калони пулӣ имконпазир аст.

Далв *21.01 - 19.02*


Аз чиҳати молиявӣ ҳафтаи бобарор аст, даромади хуби пулӣ ба даст меоред. То охири ҳафта ба мағозаву бозор рафтанро маслиҳат намедиҳем, эҳтимоли харидорӣ намудани молу ашёи бесифат дар назар аст. Ба саломатӣ диққати хоса дихед.

Ҳут *20.02 - 20.03*

Вазъи саломатиятон баъзе мушкилиҳоро ба бор меорад. Бо вучуди ин, рӯҳафтода нашавед ва ба танқиду эрод диққат надиҳед. Айни замон пулро беҳуда сарф накунед, он барои корҳои муҳим даркор мешавад. Сирри дилатонро ба касе фош насозед.

«ҶОДУИ ХИРАД»-И САФАР АБДУЛЛОҲ

Дар шаҳри Олмотии Қазоқистон ба муносибати 70-умин солгарди таваллуди Сафар Абдуллоҳ, донишманд ва эроншиноси тоҷик маҷмуаи ҷашнии “Ҷодуи хирад” (“Магия мудрости”) ба забони русӣ мунташир шуд.



Ин китоб шомили пажӯҳишҳои илмию адабии профессор Сафар Абдуллоҳ буда, он аз бахшҳои “Эроншиносӣ”, “ Забон ва адабиёт”, “Гуфтугӯҳо”, “Мақолаҳо, суханроniҳо ва пешгуфторҳо” ва ғайра танзим шудааст. Бахши дигари китоб мукотиботи ӯ бо донишмандон ва фарҳангиён аст, ки дар он Сафар Абдуллоҳ андешаҳои ҷолиберо дар бораи забону адаб ва фарҳанг баён кардааст.

Дар бахши аввали китоби мазкур масоили мубрами эроншиносӣ баррасӣ шуда, андешаҳои пажӯҳанда дар бораи шинохти “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, ислом ва башардӯстӣ, Наврӯз, забон ва алифбо, ҳунари шоирии устод Рӯдакӣ, суғдиён дар Осиёи Марказӣ ва Роҳи абрешим ва дастхатҳои форсӣ дар Китобхонаи миллии Қазоқистон фароҳам омадааст.

Дар бахши “Забон ва адабиёт” масоили китоб ва ҷойгоҳи он дар рӯзгори мо, коҳиши китобхонӣ ва пайомади он барои ҷомеа ва ғайра андешаҳои худро баён кардааст. Сафар Абдуллоҳ, ба қавли донишмандони қазоқ, яке аз муҳаққиқони барҷаста дар заминаи накди шеър ва ҷойгоҳи Олжас Сулаймонов дар адаби ҷаҳон буда, дар бораи зиндагӣ ва шеъри ин шоир матолиби зиёде навиштааст. Ва дар ин китоб низ чанд матлаби ҷолиб дар робита ба вежагиҳои осори ин шоири бузург омадааст. Дар бахши “Гуфтугӯҳо” мусоҳибаҳои Сафар Абдуллоҳ, ки дар расонаҳои гурӯҳии Қазоқистон ва кишварҳои хориҷӣ интишор гардидаанд, гирдоварӣ шудааст.

Дар бахши “Мақолаҳо, суханроniҳо ва пешгуфторҳо” андешаҳои муҳаққиқ роҷеъ ба вежагиҳои шахсиятӣ ва ҳунарии суханварону пажӯҳишгарони номвари Қазоқистон - Олжас Сулаймонов, Мурод Авезов, Саидаҳмад Қуттиқадам ва Константин Сироежкин рӯйи коғаз омадааст. Ёдномаҳои муаллиф аз рӯзгору осори донишмандони соҳибноми тоҷику қазоқ Олжас Сулаймонов, Абдулло Орипов, Шариф Шукуров, Темур Зулфиқоров, Валерий Махпиров, Бахтиёр Худойназаров, Анвар Галиев, Барзу Абдураззоқов, Далер Назаров ва дигарон бозгӯйӣ мекунанд.

Ҳамчунин дар охири китоб ба унвони ҳусни мақтаъ мехрномаҳои адибону олимон ба ифтихори 70-солагии адабпажӯҳ Сафар Абдуллоҳ оварда шудааст, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти адабиву илмии соҳибҷашн мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Гуфтанист, китоби “Ҷодуи хирад” бо кӯшиш ва вироиши донишманди қазоқ Валерий Махпиров танзим шуда, бар он пешгуфторе зери унвони “Хирадманде бо қалби шоирона” аз сӯйи Алмира Наврӯзбоева, номзади илми суханшиносӣ ва доктори илми фалсафа навишта шудааст.

Ардашери ПАЙВАНД

ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ

дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити ҷаҳони муосир масъалаҳои рушди устувор, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтаанд. Тағйирёбии иқлим, гармшавии глобалӣ, ифлосшавии муҳити зист, коҳиш ёфтани захираҳои табиӣ ва таъсири манфии фаъолияти инсон ба табиат на танҳо мушкилоти экологӣ, балки омилҳои ҷиддии таҳдид ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва саломатии аҳолӣ ба ҳисоб мераванд.



Дар чунин шароит нақши давлат дар ташаккули ҷаҳонбинии экологӣ ва тарбияи шаҳрвандони огоҳу масъул аҳамияти махсус касб мекунад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 16-уми декабри соли 2025 баргузор гардид, маърифати экологӣ ҳамчун чузъи муҳими амнияти миллӣ ва рушди дарозмуддати кишвар баррасӣ мегардад. Баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ имкон медиҳад, ки ҷомеа нисбат ба табиат муносибати масъулона дошта бошад, аз истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ пешгирӣ намояд ва муҳити зистро барои наслҳои оянда ҳифз кунад.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои бузурги обӣ, махсусан пиряхҳо, дар масъалаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ мавқеи хос дорад. Зиёда аз 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбанд, ки ин кишварро ба як субъекти муҳими амнияти экологии минтақавӣ табдил медиҳад. Ҳамзамон, обшавии пиряхҳо, тағйирёбии реҷаи гидрологӣ, хушксолӣ ва афзоиши хатари офатҳои табиӣ аз таъсири тағйирёбии иқлим шаҳодат медиҳанд. Ҳалли ин мушкилот бидуни дониши илмӣ ва маърифати экологӣ имконнопазир мебошад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат зарурати омодасозии мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои экология, биология, география, гидрология ва фанҳои вобаста таъкид мегардад. Ин мутахассисон бояд дорои донишҳои муосир ва тафаккури илмӣ бошанд, то тавонанд мушкилоти экологиро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таҳлил ва ҳал намоянд. Аз ин рӯ, такмили барномаҳои таълимӣ, ворид намудани масъалаҳои муҳити зист ва рушди устувор ба мазмуни таълим яке аз самтҳои муҳими сиёсати маориф арзёбӣ мегардад.

Муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактабҳо, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо дар ташаккули маърифати экологӣ нақши калидӣ доранд. Омӯзиши фанҳои биология, экология, география, физиологияи инсон ва фанҳои табиатшиносӣ ба хонандагон ва донишҷӯён имкон медиҳад, ки робитаи мутақобилаи инсон ва табиатро аз нуқтаи назари илмӣ дарк намоянд. Дар раванди таълим масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, истифодаи сарфакоронаи захираҳо, пешгирии ифлосшавӣ ва масъулияти инсон нисбат ба табиат бояд ба таври низомманд ва пайваста шарҳ дода шаванд.

Аз нуқтаи назари физиологияи инсон муҳити зист омили муҳими саломатии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ифлосшавии ҳаво, об ва хок метавонад ба фаъолияти системаи асаб, нафаскашӣ, дилу рагҳо ва масунияти инсон таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, пайвастани маърифати экологӣ бо масъалаҳои саломатӣ дар раванди таълим аҳамияти амалӣ дорад. Ин равиш имкон медиҳад, ки хонандагон ва донишҷӯён на танҳо аҳамияти ҳифзи табиатро дарк намоянд, балки таъсири мустақими муҳити зистро ба сифати зиндагии инсон эҳсос кунанд. Тарбияи экологӣ бояд хусусияти фарогир дошта, тамоми қишрҳои ҷомеаро дар бар гирад. Воситаҳои ахбори омма метавонанд дар таблиғи фарҳанги экологӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши муассир бозанд. Оила бошад, ҳамчун муҳити аввалини тарбия, дар ташаккули муносибати кӯдак ба табиат ва арзишҳои экологӣ таъсири бевосита дорад.

Баланд бардоштани маърифати экологӣ ба ташаккули рафтори масъулона нисбат ба истифодаи об, замин, энергия ва дигар захираҳои табиӣ мусоидат намуда, заминаи рушди иқтисоди «сабз»-ро фароҳам меорад. Дар ин раванд маориф ҳамчун абзори асосии тағйир додани тафаккур ва рафтори инсонӣ баромад мекунад. Дар маҷмуъ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф ва маърифати экологиро ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта, онҳоро ҳамчун омили асосии ҳифзи муҳити зист, таъмини саломатии аҳолӣ ва рушди устувори ҷомеа муаррифӣ менамояд.

Собиров Абдуҷалил Маҷидович,
дотсенти факултети биологияи ДМТ

МАВЛУДНОМА

28 ЯНВАР

Мухбира Исмоилова (1941), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика.

Лумониддин Камолиддинов (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Олимҷон Салимзода (1956), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос,

Ҳусейн Бегимов (1961), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

29 ЯНВАР

Рустам Барамиков (1941), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Имомалӣ Тоҳиров (1951), 75-солагии зодрӯзи наттоқи телевизион, Кормандшоистаи маданияти Тоҷикистон.

30 ЯНВАР

Абдусалом Қодиров (1941), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Шодӣ Сафаров (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Каромат Ҳоҷиева (1951), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

31 ЯНВАР

Евгений Мелников (1926-1980), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Худойқул Назаров (1926-1987), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Борис Элнатанов (1926-1997), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

1 ФЕВРАЛ

Аламхон Аҳмадов (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, пофессор.

Ҳусейнбой Мирзоев (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Абдулаҳад Очилов (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Владимир Пӯлодов (1946), 80-солагии зодрӯзи рассом.

Яъқубҷон Усмонов (1936), 90-солагии зодрӯзи санъатшинос.

2 ФЕВРАЛ

Муҳаббат Мирзораҳимова (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Фирӯза Носирова (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Ҳисорӣ Ҷӯраев (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Зайниддин Орифӣ (1966), 55-солагии зодрӯзи журналист.

3 ФЕВРАЛ

Давлатбек Толиббеков (1936-2004), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Мунира Ҷамолова (1956), 70-солагии зодрӯзи муаррих.

Обид Шукурзода (1956), 70-солагии зодрӯзи мутарҷим, журналист.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ



МЕФУРӮШАМ

1-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

Ба фурӯш 1-ҳуҷрагӣ, қабати 1, к. С. Шерозӣ-15, 410 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

2-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

Ба фурӯш Квартира, 67 м.м., қабати 4, собиқ бозори "Ҷал Ҷам", 610 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

Ба фурӯш 2-ҳуҷрагии ба 3-ҳуҷрагӣ табдил додашуда, 67 м.м, қабати 2, бинои хиштин, баъди таъмир, бо ҷиҳоз, нишонӣ: фабрикаи "Ширин". Тел.: 927-70-23-38

ҲАВЛӢ

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

Ба фурӯш Ҳавлӣ, 4 дар хона, 2,5 сот. замин, нишонӣ: Аэропорт. Тел.: 208-90-90-10

ИҶОРА МЕДИҲАМ

1-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

Ба иҷора 1-ҳуҷрагии ба 2-ҳуҷрагӣ табдил додашуда, қабати 10, бинои навсохт, "Чордома", 4000-4500 сомонӣ, пешпардохт, ба хориҷиён ё ба оилаи дорои 1 фарзанд иҷора медиҳам. Тел.: 907-27-75-75

КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Ба дастаи мо дӯзанда барои дӯхтани либосҳои махсус лозим аст. Маоши хуб, ҷои кори бароҳат, пардохтҳои саривақтӣ, бо имконияти баланд шудани маош ва пешрафти касбӣ. Хӯроки нисфирӯзӣ аз ҳисоби корхона таъмин карда мешавад. Тел.: 935-49-00-05

Ба посбон ниёз дорем (зан ва мард), аз 25 то 60-сола, маош 1600 сомонӣ, бо хӯроки нисфирӯзӣ. Тел.: 555-91-55-55, 93-133-00-03

Ба Дар шаҳри Воронеж ба нонпаз (зан барои пухтупаз) ниёз дорем. Тамоми шароитҳо муҳайё аст, беҳтараш бо шиносномаи шаҳрвандӣ. Маош 10 000 с. Агар тақриба надошта бошеду хоҳиш бошад, корро меомӯзонем. Тел.: 8931-241-14-94, 8923-24-29-116 вотсап

КОР МЕҶӮЯМ

Ба Рӯбучини босифат, рӯбучин баъди таъмири хона, рӯбучини пурра. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

Ба Рӯбучин ва хизматрасонӣ барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

Ба Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

Ба Рӯбучини босифат. Тел. 931-47-17-13

Ба Муҳосиб, хазинадор (кассир) кор мечӯяд, собиқаи корӣ 10 сол. Тел.: 93-106-60-82

ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

Таъмири пурраи хона, бо дархости мизоҷ. Зуд ва босифат. Корҳои сантехникӣ, электромонтаж, гипсокартон, зардеворӣ (обои), кафел, ламинат ва ғайра. Тел.: 938-771-771

Ба Таъмир, ҷобаҷокунӣ, ба қисмҳо ҷудо кардан ва сохтани мебел. Тел.: 93-524-88-83

Ба Газовик. Тел.: 988-61-10-57

Ба Плотник, арматуршик, тамоми намуди кор бо бетон. Тел.: 901-32-94-54

МЕХАРАМ

Ба Мошинаҳои кӯҳнаи либосшӯии автомат, корношоямро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

Қолин, пойафзоли чармин ва ҷинс, флягҳои алюминӣ, зарфҳои гуногун, мантупазак, курпача мехарам. Тел.: 93-997-49-72

Ба Ноутбукҳои корӣ ва корношоям, телевизор, усилителҳоро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

Китоб, расмвора, зарф, қолин, палос, курпа, курпача мехарам. Тел.: 900-47-07-80, 989-88-78-78, 88-214-87-87

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, металлолом, макулатура, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, қолин, фляг, асбобу анҷоми давраи шуравӣ, тангаву дигар чизҳоро мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Ба Шиносномаи техникӣ ва иқтибоси бақайдгирии хонаи истиқоматӣ воқеъ дар ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Бухоро 2, ҳ. 55, ба номи ҶДММ "Мостдорзнак", аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

Project Adaptation Planning Officer, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID:
31112/NPSA-8), Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 9 February 2026, 23:59 NY Time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

Ба Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси ҶСК Ранго Ранг, РЯМ: 0710003663, РМА: 070005457, ки аз 10.05.2010 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Ба Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Холова Маҳлиё Ғафуровна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Ҳусейнзода 12, ҳ. 109, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

Ба Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Мирзоев Юсупали, РЯМ: 0730118785, РМА: 076080232, санаи таъсис 22.07.2015, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Ба Чор дона шиносномаи техникии мағоза ба номи ҶДММ "Матали", ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 91, Блоки А, Б, В, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Ба Ду дона шиносномаи техникии таҳхонаи ҳоҷатхона ба номи ҶДММ "Матали", ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 91, Блоки А ва В, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Ба Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04334659, ба номи Холов Иқбол Абдукаримович, 05.05.2022, ки аз ШМД Навобод ШВКД-1 н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Ба Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Тоиров Содиқҷон, РЯМ: 0730078241, РМА: 075795465, санаи таъсис 08.08.2016, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ГУМШУДА

Ба Шиноснома ва корти нафақавӣ ба номи Воҳидов Мусулмонқул Чориевич гум шудааст. Нафаре, ки онро пайдо намудааст, хоҳишмандем бар ивази мукофотпулӣ баргардонед. Тел.: 919-19-37-92

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН: (+992) 93 111 08 87

ФУТБОЛ

ДАСТАҲОИ ЛИГАИ ОЛӢ БА МАВСИМИ НАВ ЧӢ ГУНА ВОРИД МЕШАВАНД?

То оғози мавсими 35-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон камтар аз ду моҳ боқӣ мондааст ва танаффуси мавсимӣ кайҳо тамоюлҳои асосии мавсими ояндаро муайян кардааст. Клубҳои Лигаи олӣ фаъолона ҳайати худро нав, мураббиёнро иваз мекунанд, дастаҳои худро бо бозингарони хориҷӣ тақвият медиҳанд.



Ба назар мерасад, ки мавсими соли 2026 яке аз пешгӯинашавандатарин мавсимҳо дар солҳои охир хоҳад буд. Ҳоло биёед таваҷҷуҳ кунем, ки ҳамаи клубҳои Лигаи олӣ мавсими истироҳатии худро чӣ тавр мегузаронанд ва бо чӣ хулосаҳое ба оғози мавсими соли 2026 наздик мешаванд.

"Истиқлол" (Душанбе): Навсозии бесарусадо

Чемпиони феълии кишвар ба танаффуси мавсимӣ бесарусадо ворид шуд, аммо имсол зимистон барои клуб давраи тағйироти назаррас буд. «Истиқлол» аз чанд бозигари калидӣ ҷудо шуд: Аҳтам Назаров (озод), Эҳсони Панҷшанбе ("Теренггану"-и Малайзия), Никола Стошич (Хоразм), Ҷозеф Окоро (Серикспор), Марлен Чобанов (Эрбил) ва чанд бозигаре, ки шартномаҳояшон ба охир расидаанд.

Дар ҳайати мураббиён низ тағйирот ворид карда шуд. Клуб шартномаи Игор Черевченко ва чанд ёвари ӯро тамдид накард, аммо дар айни замон, тамрин бо ҳамон шакли маъмулӣ барои даста, яъне систематикӣ, бе ташвиш, бо таъкид ба омодагии ҷисмонӣ ва интизоми тактикӣ ба роҳ монда шудааст.

Тағйироти калидӣ шартнома бо нимҳимоятгари украинӣ Дмитрий Билонох аст, ки дар лига аз бозиаш дар дастаи "Вахш" маъруф аст. Ин интиқол барои пур кардани холигии ҳамла ва ҷуброни баъзе аз захираҳои аз даст рафта пешбинӣ шудааст.

КМВА (Душанбе): Масири испанӣ ва заминаи нави футбол

Дастаи артиш ба танаффуси мавсимӣ бо таъйиноти овозадор дар хусуси ба кор гирифтани мураббии испанӣ ворид шуд. Мутахассиси испанӣ Хуан Кортес, ки таҷрибаи мураббигӣ дар Амрикои Лотинӣ ва бо дастаи ҷавонони Эл Салвадор дорад, сармураббии нави КМВА шуд. Таъйини Кортес на танҳо иваз кардани мураббӣ, балки кӯшиши тағйир додани фалсафаи фаъолияти клуб аст. КМВА дарҳол бо имзои шартнома бо муҳофизи бразилӣ Эдуардо Брандао хати дифои худро тақвият дод ва инчунин мутахассиси фитнес Леонардо Ла Розаро ҷалб кард.

КМВА ба мавсими соли 2026 ҳамчун дастаи лоиҳавӣ ворид мешавад. Дар ин даста на танҳо натиҷаҳо, балки то чӣ андоза зуд мутобиқ шудани услуби нав ба вокеияти футболи Тоҷикистонро бодиққат назорат хоҳанд кард.

"Вахш" (Бохтар): Дар ҷустуҷӯи мувозинат пас аз нуқра

Дастаи «Вахш», ки дар мавсими гузашта нишони нуқраро соҳиб шуд, мавсими душвори истироҳатиро аз сар мегузаронад. Бузургтарин бохти онҳо рафтани дарвозабон Адам Ковач, ки беҳтарин дарвозабони лига эътироф шуда буд, ба ҳисоб меравад. Ӯ ба дастаи «Кайсар» (Қазоқистон) гузашт. Ҳайати мураббиён бо мушкилоти барқарор кардани мавқеъҳои калидӣ бидуни аз даст додани мувозинат, ки ба «Вахш» имкон дод мавсими гузашта қавӣ бошад, рӯ ба рӯ аст. Клуб бо эҳтиёт пеш меравад ва дарк мекунад, ки такрори натиҷаи мавсими гузашта аз расидан ба чемпионӣ осонтар нахоҳад буд.

"Равшан" (Кӯлоб): Бозсозии сартосарӣ

Клуби Кӯлоб ба яке аз хабарсозтарини асосии мавсими истироҳатӣ табдил ёфтааст. Чанд бозигари калидӣ ва ҷоивазкарда, аз ҷумла Карокатуллозода, Ҳайитов ва Нозимов дастаро тарк карданд. «Равшан» мавсимро бо ҳайати нави асосӣ оғоз мекунад.

Омодагӣ 19-уми январ дар Душанбе оғоз ёфт ва дар ҳамин давра интихоби ҳайат сурат мегирад. Акнун клуб на ба натиҷаҳои зуд бо ҳар қимат, балки ба барқарорсозии даста ва тадриҷан сохтани дастаи нав диққат хоҳад дод.

"Хуҷанд": Мураббии нав ва мудирияти ҷадид

Яке аз рӯйдодҳои калидии мавсими истироҳатӣ таъйин шудани мутахассиси сербиягӣ Милан Миланович ба ҳайси сармураббии «Хуҷанд» буд. Ҳамзамон, дар клуб тағйироти роҳбарият низ ба амал омад. Мудири иҷроия Фаррух Марофиев аз вазифааш рафт ва Фурқат Абдуллозода ҷойи ӯро гирифт. Ҳайат низ навсозӣ мешавад. Бо дарвозабони беларусӣ Александр Нечаев шартнома баста шуд, ҳимоятгари ботаҷриба Фирдавс Чақалов баргашт ва нимҳимоятгар Шуҳрат Шоназаров аз «Истиқлол» ба даста пайваст. «Хуҷанд» ба мавсими 2026 бо тамаркуз ба сохтор, интизоми ҷорикардаи мураббӣ ва барқароршавии тадриҷии орзуҳо ворид мешавад.

"Регар-ТадАЗ" (Турсунзода): Тамаркуз ба ҳифзи ҳайати асосӣ

«Регар» мавсими истироҳатро бо тасмими стратегӣ, ки тамдиди шартнома бо бозигарони калидӣ аст, оғоз кард. Клуб ҳайати асосии худро нигоҳ дошт ва бо бозигарони хориҷӣ ҳамкорӣ мекунад, дар ҳоле ки бо як қатор бозигарони хориҷӣ, аз ҷумла Квадво Фримпонг ва Осумон Кассим ҷудо шудааст. Шартномаҳо ҳадафмандона буда, ба тақвияти ҷавҳари даста тамаркуз мекунанд. Назари «Регар» ба таври возеҳ ба мавсим устувор ва бидуни ягон пастравии ногаҳонӣ ва тағйири ногаҳонии самт нигаронида шудааст.

"Барқчӣ" (Ҳисор): Консепсияи нав ва тағйири самт

Клуби Ҳисор аз чанд бозигари хориҷӣ ҷудо шудааст ва бо дурнамои нав ба мавсим ворид мешавад. Омодагӣ мувофиқи нақша идома дорад, даста дар Ҷоми ФФТ-2026 иштирок мекунад ва ба омодагии ҷисмонӣ ва кори дастаҷамъона тамаркуз мекунад. Дар айни замон, «Барқчӣ» барои харидуфурӯши бозигарон шитоб намекунад ва афзалтар медонад, ки пойгоҳ созад ва бо пешрафти мавсим самтро танзим кунад.

"Ҳосилот" (Фархор): Пуркорӣ ва мураббии нав

«Ҳосилот», яке аз клубҳои фаъоли мавсими истироҳат, ҳайати худро бо чанд бозигар, аз ҷумла голзани беҳтарини Лигаи якум Назрулло Ашӯрализода, инчунин бозигарони ботаҷрибаи дастаи миллӣ тақвият дод. Рӯйдоди калидӣ таъйин шудани Шамсиддин Қосимов ба ҳайси сармураббӣ буд. Клуб умедвор аст, ки мураббии нав бозии дастаро устувор мекунад ва онро ба сатҳи муташаккилтар мерасонад.

"Истаравшан": Тамаркуз ба устуворӣ ва тақвияти мақсаднок

Клуб 16-уми январ тамринро оғоз ва шартномаи сармураббӣ Шералӣ Бобоқуловро тамдид кард. Ҳайати асосӣ боқӣ мемонад ва навкори асосӣ плеймейкери ӯзбек Марадона Сафаров аст. «Истаравшан» дар мавсими 2026 кӯшиш мекунад аз як дастаи талошгар барои мондан дар Лигаи олӣ ба дастаи талабгори мавқеи боэътимодтар дар ҷадвал табдил ёбад.

"Парвоз": Марҳилаи нав пас аз пешсафӣ

Навкори Лигаи олӣ ба мавсими истироҳат бо тағйироти назаррас ворид шуд. Тоҳир Муъминов вазифаи сармураббиро ба уҳда гирифт, шартномаи мудири даста Ҷомихон Муҳидинов тамдид гардид ва самти ҳаракат, ки интизом, рушд ва мутобиқшавӣ ба Лигаи олӣ аст, ба таври возеҳ муайян карда шуд. Барои «Парвоз» мавсими 2026 соли ташаккулёбанда аст, ки дар он ҳар имтиёзи ба даст овардашуда ба вижа арзишманд хоҳад буд.

"Сардор" (Турсунзода): Қадами аввал ва мураббии нав

Навдастаи Лигаи олӣ дастаро ба мураббии ботаҷриба Рустам Хоҷаев супурдааст. Рафтани сармураббии хушном Маҳмадҷон Ҳабибуллоев аз ҷониби талаботи танзимкунанда иҷборӣ буд, зеро ба клуби Лигаи олӣ бояд мураббӣ бо гувоҳноми PRO роҳбарӣ кунад. Клуб итминон дорад, ки таҷрибаи мураббии нав, ки дар дастаҳои бузурги кишвар низ кор кардааст, ба «Сардор дар таъмини ҷой дар Лигаи олӣ кумак мекунад.

"Эсхата" (Хуҷанд): Бесарусадоӣ ҳам стратегия аст

«Эсхата» 19-уми январ тамринро оғоз кард ва ба кори услубӣ бидуни ягон трансфери назаррас тамаркуз мекунад. Марҳилаи аввали тамринӣ ба тарбияи ҷисмонӣ ва кори дастаҷамъӣ бахшида шудааст. Дар ҷалбу таъйини бозигарон ҳоло сарусадое нест. Клуб ба мавсими 2026 ҳамчун дастае ворид мешавад, ки ба устуворӣ ва захираҳои дохилӣ такя мекунад.

Умуман, дастаҳои Чемпионати Тоҷикистон ба мавсими нав бо суръатҳои мухталиф ва фалсафаҳои гуногун ворид мешаванд. Баъзе дастаҳо ба таҷрибаи хориҷӣ такя мекунанд, дар ҳоле, ки дигарон ба субот ва захираҳои маҳаллӣ такя мекунанд. Ин танҳо як чизро ифода мекунад, ки мавсим пешгӯинашаванда, шадид ва аз ҷиҳати тактикӣ гуногунранг хоҳад буд.

РЕЗААХБОР



Се размикори тоҷик дар як рӯз ба октагон мебароянд. Беҳрӯз Зуҳуров ба муқобили Махарбек Каргинов, Давлатманд Чӯпонов ба муқобили Богдан Плутахин, Искандар Мамадалиев ба муқобили Алӣ Багов дар ACA200 мубориза мебаранд. Набардҳо 6-уми феврал дар Маскав баргузор хоҳанд шуд.

***

Бошгоҳи «Хуҷанд» баъд аз таъйин кардани сармуррабии тим Милан Миланович, як қатор бозингарони навро ба сафи худ ҷалб кард. Инҳо Ҳусейн Нурматов (ҳимоятгар) аз дастаи «Истаравшан», Парвиз Алиев (нимҳимоятгар) аз «Саразм», Александр Нечаев (дарвозабон) аз «Гомел», Дарко Исаилович (нимҳимоятгар) аз «Раднички», Йован Анҷликович (нимҳимоятгар) аз «Радник Сурдулитса», Петар Гигич (ҳамлагар) аз «Пансерраикос», Никола Эскич (ҳимоятгар) аз «Дубочитса» ҳастанд.

***

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон ва чудокорони клуби «Мори» машқу тамринии худро дар Куриёи Ҷанубӣ ба анҷом расониданд. Обид Ҷебов, Сомон Маҳмадбеков, Муҳиддин Асадуллоев ва дигар чудокорон барои мавсим дар Куриё омодагӣ диданд. Акнун чанд нафар аз ин ҳайат дар мусобиқаи "Grand Slam" дар Порис (Фаронса) ширкат хоҳанд кард.

***

27-уми январ дар кишвари Индонезия Ҷоми футзали Осиё-2026 шуруъ шуд. Дар рӯзи якум соҳибони мусобиқа дарвозаи Куриёи Ҷанубиро голборон карданд - 5:0. Дар бозии якуми ин гурӯҳ дастаи Ироқ бо ҳисоби 4:2 бар Қирғизистон пирӯз шуд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон низ дар ин мусобиқа ширкат дорад. Шогирдони Пайрав Воҳидов дар як гурӯҳ бо дастаҳои Ӯзбекистон, Ҷопон ва Австралия бозӣ мекунанд.

***

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози то 17-солаи Тоҷикистон ба шаҳри Гоаи Ҳиндустон сафар кард, ки онҷо таҳти роҳбарии Далер Каёсов ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 омодагӣ мегирад. Дар ин ҷо даста бо наврасони Ҳиндустон рӯзҳои 29-уми январ ва 1-уми феврал бозии санҷишӣ мегузаронад. Қуръакашии қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 рӯзи 12-уми феврал баргузор мешавад.



БАЙТЕ БА ПАЙТЕ

Аспи шатранҷи хирад дигар набошад пешрав,
Харсаворони харандешанд акнун пешдав.

***

Барои ҳаҷви раисон ҷазо диҳад қонун,
Барои мадҳи раисон ҷазо диҳад гардун!

***

Зиёӣ ӯ намояд ҳам, зиёфат хӯрда чолок,
Ба дастурхони мардум дасти худро мекунад пок.

***

Дина аллома туро хонд ҳама дар ҳар кор,
Навбати мо ба хушомад нарасид, эй саркор!

***

Дар баҳси адаб кашидам аз гӯши худам,
Нашнид гапи маро ба ҷуз гӯши худам.

Раҳмат НАЗРӢ

АТКАЗ

Кардем зи андешаи нопок атказ,
Аз ҳамраҳии ҳар каси "бебок" атказ.
Зинҳор намекунем аммо як дам
Аз хӯрдани севу олуву нок атказ.
Дар сағҷакиши авал бубояд кардан
Аз суҳбати масти чарсу тарёк атказ.
Дар зиндаи мо қадр намондаст дигар,
Тарсам, кунад аз мурдаи мо хок атказ.
Азбаски пробкаҳо зиёд аст, кунанд
Таксиё зи рафтани Городок атказ.
Мардум ҳама атказ кунад, аммо накунанд
Варзобу Кофарниҳону Элок атказ.
Пирошкии шабмонда хӯру лек бикун
Аз хӯрдани ҳархела порошок атказ.
Сад вой ба ҳоли хонадоне, ки дар он
Кӯдак бикунад агар зи гаршок атказ.

ХАЙРАНДЕШ

БЕПУЛӢ

Моҳии дарёиям аз бепулӣ,
Оҳуи саҳроиям аз бепулӣ.
Абраю астар надорад ҷомаам,
Дур аз волоиям аз бепулӣ.
Аз ҷунун андеша кардам солҳо,
Ҳолиё савдоиям аз бепулӣ.
То кунам кому забонам шаҳдбор,
Бар дари ҳалвоиям аз бепулӣ.
Дар замини орзуи хештан
Маҳви беколоиям аз бепулӣ.
Мутаре наздам намегирад қарор,
Хаста аз раҳпоиям аз бепулӣ.
Лаҳзаҳои базми нӯшонӯш рафт,
Кафшаки сарпоиям аз бепулӣ,
Пеши хонум обрӯе доштам,
Ин замон ҳарҷоиям аз бепулӣ.

Исмоил ЗАРИФӢ

САБАБ

Ҷавонзане ба назди равоншинос меравад:

- Духтурҷон, ҷавони дӯстдоштаам соати 20:00 хоб мераваду дигар ба паёмакҳои ман посух намедиҳад. Сабаб дар чӣ бошад?

Равоншинос:

- Сабаб дар он аст, ки дӯстдоштаи шумо зан дорад!

СЕ САБАБ

Аз муаллим пурсиданд:

- Се сабаби асосие, ки шумо касбатонро дӯст медоред?

Муаллим мегӯяд:

- Июн, июл, август!

МАРД

Марде, ки бо ду борхалтаи пур аз бозор меомад, шинохашро ширакайф дида, гуфт:

- Номард, боз аз майхона меоӣ?

Гуфт:

- Мард аз майхона меояд, номард аз бозор.

НАҚД

Бемор ба духтур:

- Духтурҷон, намедонам ин хубиҳои шуморо чӣ тавр баргардонам. Духтур:

- Агар нақд бошад, беҳтар.

ИҶОЗАТ

Духтури қалб аз бемор мепурсад:

- Амак, дар як рӯз чанд истакон май менӯшед?

Мард:

- Чорто.

Духтур:

- Барои чӣ чорто? Ман ба шумо дуто иҷозат додам ку.

Мард:

- Дутои дигарашро духтури терапевт иҷозат дод.

ДУШАНБЕ

Зане ба дугонааш:

- Рӯзи душанберо бад мебинам!

Дугона:

- Имрӯз сешанбе аст ку.

Зан:

- Нафратам кам намешавад!

ФАРҚ

Модар аз писараш мепурсад:

- Бачаҷон, хона аз ҷои кор чӣ фарқ дорад?

Писар дар ҷавоб:

- Дар хона ман дар диван хобида, интернетбозӣ мекунам, дар ҷои кор бошад, дар курсиям нишаста...

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

КИНОЯ

Ҳамсоязан ба ҳамсояи худ:

- Дишаб писаратонро дидам, калавида-калавида ба хонаатон даромад. Писари ман соати 10-и шаб дар хонаам буд!

Ҳамсоя дар ҷавоб:

- Медонам, медонам, писари ман калавида-калавида омада бошад ҳам, худаш омад. Писари шуморо оварданд ку...

Сканворд

